МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ
«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ»

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 37 (575.3) (175.3)
ТДБ: 74 (2 тоҷ.)
М- 17

МАЗАМӢ ГУЛБАҲОР МАЗАМ

ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ РУШДИ ФАЪОЛНОКИИ МАЪРИФАТИИ ОНАНДАГОНИ ЗИНАИ СЕЮМИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

АВТОРЕФЕРАТИ
диссертатсия барои дарѐфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

ДУШАНБЕ – 2026

Диссертатсия дар кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: **Сайфуллоева Зарина Хайруллоевна** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муқарризони расмӣ: **Шарофзода Шавкат Аҳмад** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Шехов Акбар Маҳмадиевич – номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи педагогика, психология ва забонҳои хориҷии Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Муассисаи пешбар: **Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

Ҳимояи диссертатсия санаи «29» декабри соли 2026, соати 13:00 дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-152 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2, e-mail: bakhriddin.1973@mail.ru, тел.: 227-23-40; 904292266) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхонаи илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва сомонаи шурои диссертатсионӣ https://shurodis-att.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» _____ соли 2026 фиристода шудааст.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои педагогӣ **Б. Муҳиддинзода**

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Дар замони муосир рушди иқтисодии ҳар як давлат бидуни рушди маориф ва илм тасаввурнопазир аст. Ҷомеаи муосир ба мутахассисони соҳибмаърифат ниѐз дошта, сатҳи болоравии ҷаҳонбинӣ ва афкори шаҳрванд низ аз тадриси улуми муосир маншаъ мегирад. Дар чунин шароит роҳҳои нави таҳқиқи паҳлуҳои илмҳои мухталиф пайдо мешавад. Дар замони муосир таваҷҷуҳ ба маориф ва такмили савияи дониши наврасон яке аз ҳадафҳои олии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меѐбад.

Махсусан, бо иваз гардидани шакли ҷамъият, дигаргуниҳои амиқ дар самти таълиму тарбия ва ташаккули шахс ба самти маориф таъсири амиқ расонида, ҷавобан ба воқеияти давраи нави таърихӣ ва мувофиқ ба талаботи рушди иқтисодӣ амал намуданро тақозо менамояд. Ин омилҳо дар соҳаи маориф вазифаҳои нав ба навро ба вуҷуд оварда, зарурати табиию таърихие ба вуқуъ пайвастааст, ки қолабҳои то кунун мавҷуд-будаи таълиму тарбия бояд коркард ѐ такмил дода шаванд. Аз ҷумла, зимни омӯзиши масъала бобати таҳқиқи мавзуъ ошкор гардид, ки хонандагони синфҳои зинаи сеюми муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумӣ аксаран зеҳни таҳқиқӣ кам доранд. Ё худ насли ҷавон дар замони муосир на ҳама қобилияти дарку фаҳмиши масъаларо доранд. Дар бисѐр маврид, аз масъулин талаб намекунанд, ки тадрис фарогири мавзуҳои тақвиятдиҳандаи дарксозӣ бошанд. Шояд ҳамин омилро ба инобат гирифта, пажуҳишгарон ба таври қонеъкунанда дар ин ҷода баррасӣ наѐфтани ҷанбаҳои дидактикии аксар масоилро таъкид намудаанд.

Аз ин хотир, муҳиммияти диссертатсияи мазкур дар мавзуи ―Шароитҳои педагогии рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миѐнаи умумӣ‖ аз таҳқиқи баъзе вижагиҳои мушкилоти фаъолнокии маърифатии хонандагон дар раванди таълим иборат буда, тавассути пажуҳиш дар заминаи баррасии чигунагии тафовути зеҳнии насли нави муосир тадбирҳои тоза пешниҳод гардид.

Омӯзиши усулҳо ва роҳҳо дар мактаб маълум сохтанд, ки ошкор кардани натиҷаҳои фаъолнокии маърифатӣ, таҳқиқи дараҷаи дониши хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миѐнаи умумӣ, баррасии он ва самаранок будани нишондиҳандаҳо, усулҳои инноватсионии таълим, рушд додани шавқу ҳаваси маърифатии хатмкунандагон аз муҳиммияти мавзуи кор далолат мекунанд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Бояд мутазаккир шуд, ки таҳсилоти муосир беш аз пеш вижагиҳои дунявиро дар бар мегиранд. Шароит ва ҷанбаҳои муосири дидактикӣ ҳамчун воситаи рушди фаъолнокии маърифатии хонан-дагони зинаи сеюми таҳсилоти миѐнаи умумӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ ба таври муфассал омӯхта нашуда бошад ҳам, дар илми педагогика ҷанбаҳои ба таври ҷудогона коркардшудаи воситаҳои ташаккули маърифати хонандагон мавҷуданд.

Масъалаи ташаккули фаъолнокии маърифатии хонандагон дар асарҳои илмии педагогҳои маъруфи муосир Б. В. Беляев [1], В. В. Голубков [3], В. П. Есипов [5], Н. И. Кудряшев [9], А. Г. Ковалев [8], Л. С. Якушина [26] ва дар рисолаҳои барои дарѐфти унвони илмии доктори илмҳои педагогӣ таълифнамудаи Т. И. Шамова [20] ва дигарон ҳалли худро ѐфтааст.

Дар таҳқиқотҳои худ оид ба назария ва амалияи таълим дар синфҳои ибтидоӣ олимони тоҷик М. Лутфуллозода [11], Ф. Шарифзода[21], М. Шейхов [24] ва дигарон баъзе тарафҳои ин мавзуъро таҳқиқ намудаанд, вале дар зинаҳои дигари таҳсилоти миѐнаи умумӣ ин мавзуъ аз мадди назари олимон – педагогҳои Тоҷикистон берун мондааст. Таҳсилоти замони муосир ҷиҳати густариши сатҳи маърифатнокӣ ва тақвият пазируфтани тафаккури дунявии хонандагон вазифадор мебошанд, аммо баъзан мушоҳида мекунем, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумӣ (минбаъд – МТМУ) бинобар набудани барномаи мушаххаси таълимӣ омӯзгорон мавзуъ дар дарс тавассути китоб баррасӣ мекунанд. Ин раванд чандон эътимодбахш намебошад. Дар ҳоле ки дарки қобилияти хонанда аз муҳимтарин масъулияти омӯзгор маҳсуб мешавад ва таҳияи муҳити эҷодии хонандагон низ аз вазифаҳои асосии омӯзгорон шинохта мешавад.

Муҳаққиқи дигар Шейхов М. дар рисолаи илмии худ бо номи ―Ташаккули фаъолнокии маърифатии хонандагони синфи Х1 дар раванди таълим‖ дар бораи масъалаи мазкур таҳқиқот ва таҷриба бурда бошад ҳам, аммо оид ба шароити барои тақвият бахшидани фаъолнокии хонандагон андеша пешниҳод накардааст. Мусаллам аст, ки тақвиятбахши муносиботи омӯзгор ва хонанда китоб аст, аммо ҷиҳати ҷоннок намудани фаъолияти маърифатӣ дар ҳар хонанда, роҳҳои амалии дидактикӣ ва таҷрибаро бояд истифода кард.

Аз ин рӯ, бидуни рушд ва ташаккули фаъолнокии маърифатии созандагони ҷомеаи оянда амалӣ гаштани ин дархосту тақозои давр имконнопазир аст.

Зимнан, омӯзиши ҳамаҷонибаи мавзуъ, мушоҳидаи тӯлонии чандин-солаи татбиқи амалии нуктаҳои асосии мавзуъ дар фаъолияти мактаб нишон доданд, ки хатмкунандагони МТМУ қариб аз ҳамаи фанҳо дониши комил мегиранд. Имтиҳоноти шифоҳии хатмкунӣ шоҳиди онанд, ки хонандагон маводи китобҳои дарсиро айнан ва баъзан ҳатто ба мазмуну ғояи аслии он сарфаҳм нарафта, нақл мекунанд. Аксари онҳо қобилияти мустақилона муҳокимаронию хулосабарорӣ надоранд, ақидаи шахсии худро перомуни моҳияти мавзуъ ва татбиқи амалии он ифода карда наметавонанд. Ҳангоми мутолиа ва санҷиши иншоҳои онҳо нуктаҳои фавқулзикр равшану возеҳ собит гаштаанд. Бинобар ин, зарурати истифода аз роҳҳои мухталифи донишандӯзӣ пайдо шудааст. Роҳи ҳифзи маводи дарсӣ чӣ дар илмҳои ҷомеашиносӣ ва чӣ дар улуми табиатшиносӣ ба болоравии сатҳи маърифатии хонандагон мусоид намуда, боқимон-даҳои усули таълим дар гузашта маҳсуб мешавад.

Муҳаққиқони дар боло номбаршуда моҳияти мавзуи рушди фаъолнокии маърифатиро дар раванди таълим мавриди баррасӣ қарор дода, мушаххас дар фаъолияти хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мутааллиқ насохтаанд, бахусус дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Мавҷуд набудани таҳқиқоти махсус оид ба роҳҳу воситаҳои рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва татбиқи нокифояи мавзуъ дар амалияи МТМУ муҳиммияти таҳқиқоти диссертатсиониро дар мавзуи ―Шароитҳои педагогии рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ‖ бозгӯ мекунад.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ѐ мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои солҳои 2021-2025 дар мавзуи «Технологияҳои муосири ташаккули салоҳиятҳои маърифатии хонандагон дар раванди дарсҳо ва машғулиятҳои беруназсинфӣ» анҷом дода шуда, ба манзури мусоидат дар татбиқи муқаррароти Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷиикстон барои давраи то соли 2030 амалӣ шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Тавсифи умумии таҳқиқот ҷанбаҳои калидии таҳқиқоти диссертатсиониро дарбар гирифта, робитаи таҳқиқот бо барномаҳои илмӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ нишон дода шуда, мақсади таҳқиқот, вазифаҳо, объект ва мавзуи (предмети) он тавсиф шудаанд. Асосҳои назариявӣ ва эмпирикии таҳқиқот тавсиф гардида, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаҳои илмӣ, назариявӣ ва тавсияҳои амалии муаллиф бо андешаҳо ва далелҳои мушаххас асоснок карда шудаанд.

Инчунин, унсурҳои асосии тавсифи умумии таҳқиқотро аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии он, мутобиқати диссертатсия бо ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии унвонҷӯи дараҷаи илмӣ, интишороти он ва сохтору ҳаҷми таҳқиқоти диссертатсионӣ ташкил медиҳанд.

Мақсади таҳқиқот. Таҳия ва фароҳамсозии шароитҳои педагогии рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ ва, дар ин замина, эҷоди муҳити мусоиди омодасозии онҳо ба фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ.

Вазифаҳои таҳқиқот. Мутобиқи мақсад ва фарзияи таҳқиқот вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

- муайян кардани ҳадаф ва мундариҷаи фаъолнокии маърифатӣ, ошкор кардани асоси омӯзиши раванди рушди фаъолияти маърифатии хонандагон;

- муайян кардани асосҳои фаъолияти педагогӣ, ҳадафҳои асосӣ, меъѐрҳо ва шаклҳои амалии он дар раванди таълим;

- омӯзиши пойгоҳи захираҳои раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо мақсади рушди фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути восита ва имкониятҳои муассири дидактикӣ;

- таҳия ва татбиқи шароитҳои педагогии рушди фаъолияти маърифатии хонандагон тавассути тадбирҳои дидактикӣ дар раванди таълим;

- муайян ва асоснок кардани ҷанбаҳои самараноки фаъолияти маърифатии хонандагон ҳангоми татбиқи шароитҳои педагогӣ дар раванди таълим, таҳқиқ ва озмоиши онҳо.

Объекти таҳқиқот. Раванди рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути фароҳамсозии шароитҳои педагогӣ.

Мавзуи (предмети) таҳқиқот. Шароитҳои педагогии рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ.

Фарзияи таҳқиқот. Сатҳи фаъолнокии маърифатии хонандагон ба таври густурда густариш меёбад, агар:

- тадбирҳои муассири дидактикӣ дар тақвият ёфтани фикр мавқеи муайянкунандаро дошта бошанд, вагарна омилҳои таъсиргузор мунтазам ба ҷойи тақвиятёбӣ заиф мегарданд;

- роҳ ва усулҳои фаъолнокии маърифатӣ ба хотири густариши ҷаҳонбинии илми хонандагон дар мадди аввал гузошта шаванд;

- барои рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ шароитҳои педагогии зарурӣ фароҳам оварда шаванд;

- раванди дарсҳои амалӣ дар густариши маърифати хонандагон нақши калидиро соҳиб гардад.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот. Таҳқиқот дар се давр ба анҷом расонида шудааст.

Дар марҳилаи якум (солҳои 2016-2018) омӯзишу таҳлили адабиёти илмию методӣ ва психологию педагогӣ ба анҷом расонида шуда, ҳолату вазъи мушкилоти проблемавии рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ дар раванди таълим омӯхта шуд. Мазмун ва мундариҷаи дисертатсия доир ба рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ дар раванди таълим таҳия карда шуда, чорабиниҳои баланд шудани сифати дониш ва маҳорату малакаи хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ ошкор карда шуд.

*Дар марҳилаи дуюм (солҳои 2018-2020)***.** Дар ин давра корҳои таҷрибавӣ ва озмоишӣ ба нақша дароварда шуда, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру навоҳӣ амалӣ гардид. Дар натиҷаи корҳои озмоишӣ фарзияи таҳқиқот санҷида шуда, дар фаъолияти омӯзгорони мактабҳои пойгоҳӣ тавсияҳо пешниҳод карда шуд. Ҳамчунин, усулу васоит ва шаклҳои самара-ноки кор дар рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ

пешниҳод гардида, муқоисаи гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ натиҷагирӣ карда шуд.

Дар марҳилаи сеюм (солҳои 2020-2025). Дар ин марҳила корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ дар макотиби такягоҳии таҳқиқот ҷамъбаст ва арзѐбӣ гардида, хулоса ва тавсияҳо таҳия ва мавод дар шакли диссертатсия ба низом дароварда шуд.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Таҳқиқот хусусияти гуногунҷанбаро доробуда, ба сифати асоси методологии таҳқиқот назарияи маърифати фалсафа, муқаррароти психологию педагогӣ оид ба фаъолнокии маърифатӣ, ягонагии рушди шахсият ва муҳит, шахсият ва фаъолият, мантиқ, методикаи хусусии назария ва методикаи таълими фан, инчунин, ҳамчун асоси назариявӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ―Дар бораи маориф‖ ва Стандарти давлатии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хидмат карданд. Зимни иҷрои кори таҳқиқотӣ ба масоил ва натиҷаҳои таҳқиқоти зерин такя карда шуд:

– корҳои илмӣ-таҳқиқотии муҳаққиқони ватанӣ: (М.Лутфуллозода [11], Ф. Шарифзода [22], Л.Иматова [6], И.Каримова [7], М.Шайхов [24], Э.Шарифов [23] ва дигарон);

– масъалаи ташаккули фаъолнокии маърифатии хонандагон дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумӣ (Б.В. Беляев [1], В.В. Голубков [3], В.Н. Есипов [5], Н.И. Кудряшев [9], А.Г. Ковалев [8], Л.С. Якушина [26], Т.И. Шамова [20] ва дигарон);

– масъалаҳои психологӣ-педагогии таҳсилоти миѐнаи умумӣ ва олии касбӣ (Б.С. Гершунский [2], Л.Н. Леонтев [10], М.Н. Скаткин [18], Т.И. Шамова [20] ва дигарон).

Сарчашмаҳои маълумот. Осори фалсафию таърихӣ ва психологию педагогӣ, санадҳои меъѐрии танзимкунандаи низоми таҳсилоти Тоҷикистон ва фаъолияти касбию педагогии омӯзгорон ва дигар субъектҳои раванди таълим; монографияҳо, мақолаҳо ва диссетатсияҳои муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ, маводи шабакаи интернет, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то солҳои 2030 ва дигар санадҳои меъѐрӣ, ҳуҷҷатҳои инъикос-кунандаи талабот ва тағйирот дар амалияи таълиму тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳои таълим ва васоити таълимӣ, мушоҳидаҳои инфиродӣ, мушоҳидаи дарсҳои омӯзгорон, корҳои хаттӣ, гузаронидани анкета, пурсишҳои шифоҳию хаттии хонандагон, таҷрибаи пешқадами омӯзгорони зинаи сеюми таҳсилоти миѐнаи умумӣ.

Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот. Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот дар асоси ҳамкории бевоситаи амалии муҳаққиқ бо объекти таҳқиқшавандаи дорои вижагиҳои умумиилмӣ ва махсус; таҳлили назариявии адабиѐти илмӣ-педагогӣ, таҳлили стандартҳои таълимӣ, барномаи тайѐрӣ аз рӯйи фанҳои таълимӣ, таҳияи барномаи таҳқиқот, ташкили мушоҳида ва гузаронидани озмоиш, тавсиф ва натиҷагирӣ аз маълумоти таҷрибавӣ-озмоишӣ, таснифи онҳо ва ҷамъбасткунӣ бо

истифода аз усулҳои эмперикӣ – арзѐбӣ, озмоиш, муқоиса, таҳлил, синтез, индуксия, дедуксия ва ғ.; дар асоси маълумоти гирифташуда ташаккул додани далелҳои илмие, ки дар натиҷаи истифодаи нишондиҳандаҳои сифатӣ, усулҳои миқдорӣ, дар шакли маълумоти оморӣ ва коркарди онҳо ба даст омадаанд.

Пойгоҳи таҳқиқот. Таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумии №№ 33, 34-и шаҳри Душанбе, 1, 17-и шаҳри Ваҳдат, 67-и ба номи Ҳомид Маҷидови ноҳияи Рӯдакӣ, 5-и шаҳри Ҳисор гузаронида шудааст. Дар раванди корҳои озмоишӣ хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миѐнаи умумӣ ҷалб карда шуда буданд.

Навгонии илмии таҳқиқот. Навгонии илмии таҳқиқот аз мушаххасоти зерин иборат аст:

- шароитҳои педагогие, ки ба баланд шудани сатҳи маърифатии хонандагон ва таҷрибаи касбии омӯзгорон барои самаранок гардидани фаъолнокии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миѐнаи умумӣ мусоидат менамоянд, муайяну *мушаххас карда шудаанд;*

- таъсири технологияҳои муосир ва зеҳни сунъӣ ба сатҳи ташаккули фаъолнокии маърифатии хонандагон *ошкор ва муайян карда шудааст;*

- шароитҳои педагогии самарабахши раванди таълим оид ба ташаккули фаъолнокии маърифати хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миѐнаи умумӣ *муайян карда шудаанд;*

- шакли консептуалии ташкили шароитҳои педагогии ташаккули фаъолнокии маърифати хонандагони тавассути технологияҳои инноватсионӣ ва ташкилу роҳандозии онҳо дар зинаи сеюми таҳсилоти миѐнаи умумӣ *таҳия ва амалӣ шудааст.*

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.

1. Таҳқиқи сатҳи ташаккулѐбии фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миѐнаи умумӣ дар заминаи хоҳиш ва талаботи муосир маълум сохт, ки ин ҷараѐн дар натиҷаи бархурди иҷтимоӣ ба амал меояд.

2. Мураттаб сохтани маҷмуи мунтазами усулҳои қобили қабул, ки имконият фароҳам меоваранд, масъалаи рушди фаъолнокии маърифатии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумӣ тавассути таълим бомуваффақият ҳаллу фасл карда шавад.

3. Раванди таълим бояд дар иртибот бо корҳои беруназдарсӣ ҷараѐн гирадад, зеро ки шавқу завқи хонандагон дар вақти иҷрои корҳои беруназсинфӣ бештар буда, фаъолнокии маърифатии онҳо ба таври комил ва барҷаста бештар дар он зуҳур мегардад.

4. Нишондиҳандаҳои ташаккули фаъолнокии маърифатии хонандагон дар раванди таълиму тарбия инҳоянд:

- ҳавасмандии мусбати хонандагон барои фаъолнокии маърифатӣ дар маҷмуъ ва истифодаи мустақилонаи он дар раванди таълим;

- динамикаи мусбати арзѐбии тағйироти қобилияти ҳалли масъалаҳои хосса, ки дар раванди фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ дучор мешаванд;

- баланд бардоштани самаранокии фаъолнокии мустақилонаи маърифатӣ, новобаста ба кумаки омӯзгорон, ҳамсинфон;

- баланд бардоштани сифати қобилияти татбиқи малакаҳои фаъолнокии мустақилонаи маърифатие, ки ҳангоми дарсҳо ба даст омадаанд, дар машғулиятҳои беруназсинфӣ ва баръакс.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот. Муътамадии натоиҷи корҳои таҳқиқотӣ бо муносибати методологӣ ба раванди рушди фаъолнокии маърифатии хонандагон тавассути таълим ва маҷмуи усулҳо зимни таҳлили натиҷаи корҳои озмоишӣ, ки пайдарҳамиро омили асосии рушди батадриҷи зина ба зина ва ҳадафмандонаи фаъолнокии маърифатии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумро эътироф менамояд, муайян мегардад.

Алоқамандии ташаккули фаъолнокии маърифатӣ дар мисоли хонандагон бо салоҳиятҳои асосие, ки барои мутахассисони муосир – хатмкунандагони МТМУ заруранд, муайян гардид. Илова бар ин, кори илмии мо имкон дод, то ки як қатор вазифаҳои маъмулиро муайян созем, ки ба ташаккули фаъолнокии маърифатӣ дар раванди таълими МТМУ мусоидат мекунанд.

Марҳилаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи раванди таълим, ки бо ташаккули самаранокии фаъолнокии маърифатии хонандагон дар раванди таълим алоқаманданд, пешниҳод шуданд; зарурати муносибати тафриқавӣ ба ташкили ин раванд, ки қобилияти мустақилонаи фаъолияти маърифатии хонандагон, шавқу рағбати онҳоро ба рушди он ба назар мегирад, исбот гардид; омезиши машғулиятҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ барои баланд бардоштани самаранокии ташаккули фаъолнокии маърифатии хонандагон асоснок карда шуд.

Исбот карда шуд, ки барои баланд бардоштани сифати ташаккули фаъолнокии маърифатии хонандагон дар раванди корҳои таълимиву тарбиявӣ ҳамгиройии истифодаи технологияҳои анъанавии таълим бо методҳои муосир зарур аст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки усулҳо, тадбирҳои таъсиррасонӣ ва, ҳамчунин, шаклҳои корҳои беруназдарсӣ ва роҳҳои баргузории онҳо таҳия ва ироа шудаанд, ки ба омӯзгорон имконият фароҳам меоваранд, то бо истифода аз онҳо рушди фаъолнокии маърифатии хонандагонро беҳтар намоянд, муносибати эҷодкории худро ҳангоми ҳалли ин мушкилот такомул диҳанд, ҳисси дарки хонандагонро устувор карда, онҳоро дар раванди таълим фаъол гардонанд ва сатҳи маърифатиашонро баланд бардоранд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар рафти таҳқиқот бадастомада бо методологияи донишҳои илмӣ, консепсияҳои ташхиси педагогӣ, бо такя ба як қатор методҳои назариявӣ ва эмперикӣ, натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, инчунин тасдиқи фарзияҳои пешниҳодшуда таъмин карда шудаанд.

Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии номзади илмҳои педагогӣ 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқат мекунад: банди 3 – ―Антропологияи педагогӣ‖ (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот), банди 4 – ―Назария ва консепсияи таълим‖ (қонуниятҳо, принсипҳои таълими бачагон дар даврaҳои гуногуни ба воярасии онҳо; навъҳо ва амсилаҳои таълим, ҳудудҳои истифодаи онҳо).

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқиқот. Саҳми муҳаққиқ дар кулли марҳилаҳои таҳқиқот, аз он ҷумла, дар банақшагирии кори илмӣ, ҷамъоварии мавод, омӯзиш ва таҳлили амиқи адабиёти илмии ватанию хориҷӣ, таҳлил ва шарҳу тафсири маълумоти бадастомада, батанзимдароварии онҳо, ташкилу баргузории таҳқиқоти диссертатсионӣ ва ва корҳои озмоишӣ, коркарди омории натиҷаҳои ноилшуда, таҳияи дастнависии диссертатсия ва мақолаву дастурҳои илмӣ-методӣ доир ба мавзуъ зоҳир мегардад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Асосҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалии дар ҷараёни таълим оид ба рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ коркардшуда дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди тасвибу истифода қарор ёфта, натиҷаҳои мусбат додаанд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия: Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода намуда, дар шакли 4 номгӯй мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 номгӯй мақолаҳо дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия: Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат буда, ҳаҷми диссертатсия 178 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад. Дар матни диссертатсия 6 ҷадвал ва 19 расм истифода шудааст.

ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар **муқаддима** мубрамият, аҳамияти илмӣ ва амалии тадқиқот асоснок карда шудааст; ҳадафу вазифаҳо, объект ва мавзӯи тадқиқот муайян карда шудаанд; фарзия ба таври дақиқ ва мухтасар ифода карда шудааст; асосҳои методологӣ ва назариявӣ, методҳои тадқиқот нишон дода шудаанд; навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада баён гардидаанд; тасвиб ва татбиқи амалии натиҷаҳои тадқиқот оварда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия ―Шароитҳои педагогӣ – омили рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ‖ унвонӣ шуда, дар он масъалаи ташкили шароитҳои педагогӣ ҳамчун омили рушди фаъолнокии

маърифатии хонандагон таҳлилу баррасӣ шудааст. Аз он ҷумла, иброз шудааст, ки маҳз дар ҳамин марҳилаи синусолӣ бояд дараҷаҳои маърифатӣ шакл гирифта, мустақилият дар андеша пайдо гардад, чунки дар пешурӯи ҳаѐти наврас ду масъалаи муҳим қарор доранд:

1. Гузариш ба фаъолияти меҳнатии оддӣ (фаъолияти меҳнатӣ бо истифода аз қувваи ҷисмонӣ);

2. Давом додани фаъолияти таълимӣ барои интихоби касб.

Бинобар ҳамин, **зербоби аввали боби якуми диссертатсия "Рушди фаъолнокии маърифатӣ – қисми таркибии раванди таълим"** унвон шудааст.

Асри XXI давраи ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли проблемаҳои муҳими самти маориф, давраи кор карда баромадан ва азхуд кардани консепсияи назариявии инсони комилу муваффақ мебошад. Инкишофи системаи маориф дар шароити нав омили муайянкунандаи тараққиѐти иҷтимоию иқтисодии мамлакат ва муҳимтарин шарти пешрафти иқтисодиѐт маҳсуб мегардад.

Айни замон, бо дарназардошти рушди инноватсия ва технологияҳои рақамӣ зарурияти такмил додани донишҳои техникии хонандагон бо мафҳуми "густариши тафаккури техникӣ" ба миѐн омадааст. Бинобар ин, бидуни донишҳои техникӣ дар асри муосир зистану фаъолият доштан душвор мегардад.

Дуруст аст, ки таваҷҷуҳ ба техника ва маводи муосир аз қабили телефон, компютеру дигар таҷҳизот сатҳи маърифатии шахсро новобаста аз синну сол коҳиш медиҳад, аммо аз ҷониби дигар маҳз тафаккури техникӣ барои инсон шароит пайдо хоҳад кард, ки мавзуъро бо истифода аз донишҳои техникӣ дар кутоҳтарин муддат омӯхта, атрофи он фаҳмиши хешро тақвият диҳад. Дар раванди таълим ба инобат гирифтани мантиқи табиии рушди маърифатии зеҳн зарур мегардад. Пайвастагии ҷанбаҳои мухталифи раванди тадрис фаъолнокии маърифатии хонандагонро таъмин намуда, зимни густариши ҷаҳонбинии онҳо омилҳои дарккунии масоилу мушкилотро тақвият мебахшад. Бинобар ин, ғояи мазкур муҳтавои асосии рушди таҳсилот буда, дар худ раванди худомӯзиро ба вуҷуд меорад.

Омӯзиши фаъолнокии маърифатӣ аз фалсафа сарчашма мегирад, ки онро бахши «Назарияи дониш è гносеология» меомӯзад. Ҳанӯз дар замонҳои қадим, Арасту таълимоти ҳамаҷонибаи донишро сохта буд. Дар маъхазҳои психологию педагогӣ микдори зиѐди осори марбут ба фаъолияти тарбиявию маърифатиро дидан мумкин аст.

Методологияи фаъолнокии маърифатӣ системаи принсипҳову усулҳои ташкил ва сохтани фаъолияти назариявию амалӣ, инчунин таълимоти ин система мебошад. Вай аллакай назарияи дониш аст, зеро он бо омӯзиши шаклу усулҳои дониш маҳдуд мешавад. Назарияи дониш бар хилофи фаъолнокии маърифатӣ проблемаҳои моҳияти дониш, робитаи дониш ва воқеият, предмет ва объекти дониш, имконияту сарҳадҳои дониш, меъѐрҳои ҳақиқати онро меомӯзад, ки дар

ин маврид ин нуктаҳоро баѐн кардан муҳим аст: ―Аммо фаъолнокии маърифатӣ нисбат ба гносеология васеътар аст, зеро он на танҳо бо усулҳои шинохти худ, балки хусусиятҳои ҷараѐни маърифатро, ки дар шаклу доираҳои гуногуни фаъолият сурат мегиранд, низ баррасӣ менамояд. Аксар равоншиносон муътақиданд, ки фаъолнокии маърифатӣ аз эҳсосот ва дарк оғоз мешавад ва баъдан гузариш ба тафаккур ба амал меояд" [15]. Фаъолнокии маърифатӣ фаъолияти бошууронаест,ки ба дарки воқеияти атроф бо ѐрии равандҳои равонӣ, ба монанди дарк, тафаккур, хотира, таваҷҷуҳ, нутқ нигаронида шудааст.

Ҳамин тариқ, фаъолнокии маърифатӣ як заминаи асосии фаъолияти инсон дар шинохти ҷаҳон буда, барои бедор намудани ҳисси ҳуввийят замина мегузорад. Инсон ҳамчун як мавҷуди зинда дар раванди зиндагӣ ниѐз ба фаҳму дарки атрофу акноф дорад ва саъй менамояд, ки дар худ фазилати инсони ҳуввийятсозро тарбия кунад. Ба замми ин, ба ҷараѐни фаъолият таъсир мерасонад ва хоҳиши дарѐфти роҳҳои нави машғулият дар замираш ҳувайдо мегардад.

―Предмети рағбати донишандӯзӣ фаъолияти идрок мебошад, ки зинаи нахустини худогоҳӣ буда, вижагиҳои бедор намудани инкишофи эҷодиро доро мебошад ва рағбат ба маърифат ҷузъи инкншофи умумии шахсиятро ташкил медиҳад. Рағбат ба маърифат аксаран ҳамчун воситаи таълим, воситаи фаъолгардонии раванди таълим фаҳмида мешавад" [12, с.117–118].

Аломатҳои рағбат ва меъѐр аз диди Маҳмадуллоева Ш. ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

1. Вижагиҳои ба шавқу рағбат хосси рафтор ва фаъолияти хонандагон, ки дар раванди омӯзиш дар дарс ба вуқуъ меоянд.

2. Хусусиятҳои рафтор ва фаъолияти хонандагон фориғ аз дарс.

3. Махсусусиятҳои тамоми тарзи зиндагии хонандагон, ки зери таъсири шавқу рағбат ба ин ѐ он шакли фаъолият ба вуқуъ мепайванданд" [13, с. 45-51].

Масъалаи асосӣ босамарона аз худ кардани дониш аст. Ин ҳикмати дар замони кӯҳан арзанда дар рӯзгори мо аҳамияти бештар касб кардааст. Дар синфҳои ибтидоӣ теъдоди аълохонҳо ва ашхоси ―чор" ва ―панҷ"-хон нисфи зиѐди синфро ташкил медиҳад, аммо дар синфҳои боло ин миқдор аз се як ҳиссаро дар бар мегирад. Дар қиѐс бо хонандагони ду даҳсола пеш, алҳол ҷустани рағбат ба донишандӯзӣ дар тафаккури хонандаи муосир муҳол аст. Чаро хонандагони бо мо муосир чун пешиниѐн ба омӯзиш шавқу рағбат надоранд? Зимни посух ба суоли матраҳ метавон маълум кард, ки дар андешаи онҳо якум, масъулияти хондан мушоҳида намегардад, сониян, онҳо ихтиѐрро дар надоштани меъѐру масъулият мебинанд ва бинобар ин, дар ниҳодашон майли донишандӯзӣ кам мушоҳида мешавад.

Ҳамакнун, менигарем, ки муҳаққиқи шинохтаи рус Н. Г. Морозова бобати баҳогузории масъала ва таърифи аниқтару пуразиши шавқу рағбат ҳамчун як

мояи эҷодкорӣ чӣ мегӯяд: ―Рағбат ин муносибати эҳсосӣ-маърифатӣ, ки аз таассуроти эҳсоси маърифатӣ баромадааст, ба ҷисм ва è мустақиман ба фаъолияти мақсаднок, муносибати дар ҳолати муайян будани шароити мусоид ба равиши эҳсосӣ-маърифатии шахсият равонашаванда мебошад” [13, с. 174].

Олимони тоҷик Х. Раҳимов ва А. Нуров майлу ҳавасро низ ҳамчун як масоили марказии дидактика ва психологияи омӯзгорӣ шуморида, фаъолнокии маърифатии хонандагонро ба майлу ҳавас вобаста медонанд. Аз ҷумла, дар китоби ―Педагогика” қайд намудаанд: ―Омӯхтани майлу ҳавас проблемаи марказии дидактика ва психологияи педагогӣ мебошад ва дар ин соҳа комèбиҳои муайян ба даст оварда шудааст, вале проблема ҳанӯз ҳам ҳалли худро наèфтааст. Чунки тағйирèбанда, серҳаракат ва гуногунии майлу ҳавасҳоро ба як қолаб даровардан ниҳоят душвор аст, ки ин ҳам як хел муайян намудани тарзи идоракунии онҳоро душвор мегардонад. Агар дар соҳаи дидактика санъати соф вуҷуд дошта бошад, ин бе ҳеҷ шубҳа соҳаи майлу ҳавасҳо ва дар алоқамандӣ бо он методҳои таълим мебошад” [15, с.48].

А.Н. Леонтев дар таълимоти худ се марҳиларо дар рушди ҳавасмандиҳо ба фаъолияти таълимӣ дар давоми синни мактабӣ ҷудо кардааст:

1. Марҳилаи ҳавасмандиҳое, ки дар асоси худи таълим ҷой доранд;

2. Ҳавасмандиҳое, ки асоси муносибатҳои байниҳамдигарӣ дар миèни аҳли синф ва дар байни аҳли мактаб ташкил медиҳанд;

3. Ҳавасмандиҳое, ки дар муҳити зист, касби оянда, дурнамои ҳаètӣ ҷой доранд” [11, с. 102–103].

Тибқи мушоҳидаҳои мо ҳавасмандиҳои аз худи таълим сарчашмагиранда ва ҳавасмандиҳои дар асоси муносибатҳои байниҳамдигарӣ дар миèни аҳли синф бавуҷудоянда марҳилаҳои алоҳида ҳисоб намеèбанд. Аммо на худи қайди навъҳои гуногуни ҳавасмандиҳо ба фаъолияти таълимӣ, балки масъалаи ташаккул додани чунин ҳавасмандиҳо дар мактаббачагон муҳимтар мебошад, зеро ҳавасмандии хонандагон метавонад фаъолнокии маърифатии онҳоро ташаккул диҳад.

Дар китоби ―Дидактика”-и М.А. Данилов ва Б.Н. Есипов чунин воситаҳои ташаккули талабот ба донишҳо таъкид гардидааст: ―Робитаи наздики байни фанни омӯхташаванда бо озмоиш, шарҳу тавзеҳи дурнамои таълим, аз тарафи хонандагон идроки нақши илм дар рушди фаъолнокии маърифат, иштироки хонандагон дар меҳнати фаъоли эҷодӣ ва ғайра ба қайд гирифта шудаанд” [4, с. 272–273].

Таҳқиқи мо нишон дод, ки таҷрибаи мактабии омӯзгорону донишомӯзон ба ташаккул додани маҷмуи низоми донишҳои хонандагон эътибори ҷиддӣ дода, аз худ намудани усул, роҳ ва воситаҳои фаъолиятро дурусттар ба инобат намегиранд. Ҳол он ки бе ин фаъолонидани раванди таълим имконпазир аст. Фаъолнокии маърифатӣ бошад, ҷузъи ҷудонашавандаю таркибии фаъолияти таълимӣ ба шумор меравад.

Аксаран қафомонии хонандагон дар рафти таҳсил аз он сар мезанад, ки ӯ роҳу усулҳои донишандӯзиро намедонад. Ҳадафи таълим маҳз дар он аст, ки дар раванди донишандӯзӣ ба тадриҷ дар хонандагон маҳорати мустақилона дарёфт намудани дониш, ба онҳо баҳо додан ва дар амал татбиқ намудани онҳо ташаккул дода шавад.

Б.А.Танков ҳангоми таҳқиқи масъалаи фаъолнокии маърифатии мактаббачаҳо ва роҳҳои ташаккули он маводи таълимиро бо овардани далелҳо асос медонад. Ба андешаи ӯ роҳҳои зерин муътамад мебошанд: ~~–~~навоварӣ, семантизатсия, монеа, диққат, давомнокӣ" [19, с.45].

Фаъолнокии маърифатӣ дар раванди таълим бо маҳорати умумии хонандагон, аз қабили ба нақша даровардани кор, иҷрои он ва ғайра марбут аст. Барои худидоракунии равобити таълим банақшагирӣ ва худназораткунӣ аз ҳама чизи асосӣ ҳисоб мераванд. Фаъолияти мақсаднок ба донистани воситаҳои амалҳои мутобиқи бадастдарории ҳадафҳои гузошташуда, ба фаъолнокии маърифатӣ бурда мерасонад (расми 1).

Ҷойи онҳоро дар сохтори раванди таълим, ки фаъолнокии маърифатиро рушд медиҳад, чунин муайян кардан мумкин аст:



Расми 1. Сохтори раванди таълим

Дар зербоби 2-юми боби аввал вазъи назариявӣ ва амалии фаъолнокии маърифатӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳқиқ карда шудааст.

Масоили баланд бардоштани самаранокии таълим ва ташаккули шахсияти фаъол дар мактаби муосир ҳамеша назорат ва таҳти таваҷҷуҳ қарор дорад. Бинобар ин, мафҳуми фаъолнокӣ дар таълим ҳамчун принсипи мустақил арзи вуҷуд карда, ҳадаф аз роҳандозӣ шудани он дар мактаб танҳо аз андӯхтани дониш, малака ва маҳорат иборат нест. Бояд мутазаккир шуд, ки зимни таълим

сифатҳои беҳтарини шахсият ташаккул меёбанд. Яке аз чунин сифатҳо фаъолнокии маърифатӣ мебошад. Ин сифати шахсият дар ҷараёни фаъолияти маърифатӣ, ки ба фаъолнокии мақсадноки фард марбут аст, ҳосил мешавад

Фаъолнокӣ дар ин ҳолат ҳамчун восита ва шароити ба ҳадаф расидан эътироф мешавад. Фаъолнокии маърифатӣ ҳамешагӣ набуда, дар раванди фаъолият ё худ фаъолияти таълим ташаккул меёбад ва ба сифати фаъолияти маърифатӣ таъсир мерасонад.

Аз ин хотир, фаъол гардонидани таълими таҳсилкунандаро аз ҷониби муаллим сафарбар намудани неруи фикрӣ, иродаи маънавӣ ва ҷисмонии хонандагон барои ба мақсадҳои мушаххаси таълиму тарбия ноил гаштан, фаҳмидан ва қобили қабул донистан мумкин аст. Фаъол гардонидани таълим рафт ва натиҷаи ҳавасманд намудани фаъолнокии хонандагон дар фаъолияти маърифатӣ мебошад.

Дарки олами хориҷ аз худ дар фаҳмиши илмӣ меҳнати фаъолона мебошад. Таълимот ҳам меҳнат аст ва бояд меҳнати пур аз афкор бошад.

Воқеан, дар ҷараёни дарс сифати хуби таълиму тарбия барои беҳтар намудани диққат, назорат, хулосаҳои таҷриба, самараи дониш, эҳсосот, завқ ба кор, муошират, субботкорию пайдарҳамии мақсад зарур мебошад.

Самаранокии дарс дар хонандагон дониш, қобилият, малака ҳосил кардан ва ё беҳтар намудани донишҳои пештар гирифтаашон ифода меёбад, ки ин ҳосилшавиро ҳам муаллимон ва ҳам худи хонандагон ба чашм дида, эҳсос карда метавонанд.

Самаранокии дарс инчунин дар доштани қобилияти фикр кардан, ҳосил кардани малакаҳои меҳнати маданӣ, бойгардонии доираи асосӣ, шавқу ҳавас, донистани шакл ва қоидаҳои тафаккур, ташаккулёбии ғояҳо, кӯшишу ғайрат ифода меёбад: «Дарси самаранок ин дарсест, ки дар он вақт сарфа мешавад ва маҳсулнокии аксари он мушоҳида карда мешавад» - иброз доштааст Б. П. Есипов [5, 122-124.].

Барои бедор намудани завқи хонанда то андозаи муайян майли худи ӯ ва кӯшиши ғоявӣ-сиёсиаш таъсир мерасонад. Тарбияи ғоявӣ-сиёсии хонандагон яке аз шартҳои асосии инкишофи бомуваффақияти фаъолияти эҷодии онҳо ба шумор меравад.

Масоили ташаккул ва инкишофи фаъолнокии маърифатии хонандагон боз дар мақолаю асарҳои зиёди олимон, методистон ва муаллимони пешқадам ҳама тарафа таҳлил ёфтааст (расми 2). Агар ба масъалаҳои асосии мақолаю рисолаҳои номбаршуда аз рӯйи мавзуъ ва мундариҷаи онҳо баҳо диҳем, асосан онҳоро ба се гурӯҳ ҷудо кардан хато намешавад.



Расми 2. Гурӯҳбандии асарҳо аз рӯи мавзуъ ва мундариҷа барои муайян кардани рушди фаъолнокии маърифатии хонандагон

Қатъи назар аз ба гурӯҳҳо тақсим кардани мавзуоти мақолаю рисолаҳои ба мавзуи мазкур бахшида шуда, қариб ҳамаи онҳо инкишоф ва ташаккули фаъолнокии маърифатии хонандагонро ба воситаи дарс ва ҳангоми иҷрои супориши хонагӣ (тайёрӣ ба дарс) талқин кардаанд.

Дониш на танҳо дар хотир доштан, балки онро муқоиса намудану шарҳ додан, идрок кардану хулоса баровардан ва натиҷагирӣ кардан аст. Ҳангоми таҳлил намудани самараи дониши хонандагон маълум мегардад, ки то кадом андоза ҷаҳонбинии хонандагон такмил ёфтааст. Дар ҷараёни омӯзиш хулосаю ҷамбастиҳо бояд чунон сурат гирифт, ки онҳоро хонандагон қабул карда тавонанд. Масалан, хонандагон қонуни ҷамъшавандаҳоро дониста, онҳоро чун ёвар барои ҳисоб ва ҳалли мисолу масъалаҳо ё ҳангоми муомилоти одамон дар ҳаёт истифода мебаранд.

Дар маҷмуъ, ҷанбаҳои амалии кори таълиму тадрис хонандагонро ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва маърифатҷӯӣ дар асоси донистани санадҳо, омӯзиши чизҳо ва ҳодисоту воқеот раҳнамо мекунад. Дар ин ҳолат хонандагон қонунмандии ҳодисоти табиат ва ҳаёти ҷомеаро дарк менамоянд. Хусусияти асосии ҷараёни таълиму тадрис дар он ба назар мерасад, ки мазмуни дарсҳо бояд таассуроти муайянро дар шуури хонандагон ба вуҷуд орад.

Бо мақсади амиқ ва равшану возеҳ намудани ин назарияҳо дар мактабҳои такягоҳӣ корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ гузаронида шуд. Оид ба фанҳои гуногун

саволномаҳо сохта, аз хонандагони хатмкунанда ҷавоби хаттӣ гирифта, суҳбатҳо гузаронида шуд.

Масалан, аз фанни адабиѐти муосири тоҷик чунин саволҳо пешкаши хонандагони синфҳои таҷрибавӣ ва назоратии мактабҳои такягоҳ гардид:

1. Кадом асарҳои публитсистии устод Садриддин Айниро мутолиа намудаед?

2. Кадом шеъру манзумаҳои шоирон Мирзо Турсунзода ва Ҳабиб Юсуфӣ ба жанри лирика тааллуқ доранд?

3. Асарҳои драмавии нависандагони муосири тоҷик Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ ва Ғанӣ Абдуллоро номбар намоед ва ғайра.

Мақсади асосии ин саволгузорӣ бо роҳи санҷиш амиқ намудани сатҳи фаъолнокии хатмкунандагон аст, ки қабл аз озмоиш гузаронида мешавад.

Дар асл, ҳанӯз хонандагони синфи XI дар оғози соли таҳсил ин мавзуъҳоро нагузаштаанд. Вале асарҳои дар машғулияти суҳбат аз рӯйи хониши беруназсинфӣ (аз адабиѐти муосир) муҳокимашаванда бармаҳал, ҳатто пас аз хатми синфи X, дар таътили тобистона барои хондан ба шогирдон тавсия карда мешаванд.

Дар ҳоле ки аз гурӯҳҳо ягон ҷавоби муҳим ва дуруст ба амал наомада бошад, пас аз гузаронидани озмоиш, ки вазифаҳо мушаххас шуда, усулҳои методӣ коркард гардидаанд ва ба омӯзгорон барои гузаронидани кор бо гурӯҳҳои озмоишӣ тавсияҳо дода мешаванд, ҷавоби хонандагони гурӯҳҳои озмоишӣ ба саволҳои такроран дар шакли анкета додашуда, нисбат ба гурӯҳҳои назоратӣ сатҳи хеле баланди фаъолнокиро нишон доданд.

Зимни озмоиш вазифаҳое, ки дар назди омӯзгорони озмоишгар гузошта шуда буд, онҳоро ба ҳалли вазоифи зайл ҳидоят кардааст:

1. Интихоби усул ва шаклҳои самарабахши кор бо маводи таълим;

2. Омода сохтани адабиѐти зарурӣ ва саривақт истифода намудани он дар машғулиятҳои синфӣ;

3. Ташкили мақсадноки хониши фориғ аз дарс, гузаронидани сӯҳбатҳои эвристикӣ, мубоҳиса ва ғайра;

4. Аз роҳҳои нисбатан боварибахш барои беҳтар гардонидани шавқи хонандагон, зиѐд намудани фаъолнокии онҳо дар лаҳзаҳои дарс, ҳалли масъалаҳои проблемавӣ, андешидани тадбирҳои ҳавасмандгардонии онҳо, бо азхуд намудани муъҷизаҳои адабиѐт, баровардани варақаҳои адабӣ, ки дар он беҳтарин дӯстдорону хонандагони китобҳои бадеӣ таблиғ мешаванд, ташкили барномаи радиошунавонӣ аз тариқи нуқтаи мактабӣ, ки тавассути он беҳтарин қироатчиѐни шеъру наср ва саҳначаҳои адабӣ баромад мекунанд ва ғайра истифода намудан зарур аст.

Корҳои таҷрибавӣ дар натиҷаи озмоишҳои гузаронидашуда нишон доданд, ки вазъияти раванди таълим бобати бедор намудани шавқу рағбати хатмкунандагон ба донишандӯзӣ ва инкишофу ташаккули фаъолияти маърифатии

онҳо дар макотиби таҳсилоти ҳамагонӣ ба талаботи замон мусоидат мекунад. Усули таълим ва сифати дониши фориғ аз ҳаѐт ва ҳастии ҷамъиятӣ қафо мондаанд. Ба замми ин, малакаю маҳорати хонадагон зарур ҳастанд, чун онҳо дар баҳсҳо барои такмили андешаи ҳамдигар замина мегузоранд.

Ин далелҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки дар ҷараѐни тадрис ба инкишофи мунтаззами фаъолнокии маърифатӣ ба тадриҷи эҷодкорӣ эътибор дода намешавад. Бинобар ин, ҷиҳати рафъ намудани мушкилоти зикргардида зарурати такмилу тағйир додани барномаҳо ва дигар воситаҳои таълим ба вуқуъ пайвастааст. Айни замон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вижагиҳои сохторӣ дар мактабҳо бештар ба мушоҳида расида, омилҳои худнамоӣ ғолиб омадаанд.

Таҳқиқҳо нишон додаанд, ки дар ҳолати амалӣ нагардидани чунин шароит ва ҷанбаҳои муассири дидактикӣ, шавқу рағбати мактаббачаҳо ба таълим афзун намегардад, ки ин боиси костагии фаъолнокии маърифатии онҳо мешавад.

Дар ин сурат, муаллим, муваззаф аст, ки барои беҳтар намудани фаъолнокии онҳо аз воситаҳои фаъолнокӣ ба хотири ҷалб ва серҳаракатияшон истифода бинамояд.

Нишонаҳои фаъолнокии маърифатӣ аввал дар диди мусбати хонанда ба мазмуни мавзуи омӯхташаванда è худ мазмуни маълумот ва иҷрои якчанд амали пай дар пайи ба ҳам алоқаманди маърифатӣ татбиқ мешаванд.

Боби дуюми диссертатсия “Омӯзиши мазмуни иттилоот ҳамчун заминаи ташаккули фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миѐнаи умумӣ” унвонӣ шуда, **дар зербоби 1-уми он** усулҳои муассири омӯзиши мазмуни таҳсилот ҳамчун омили асосии фаъолнокии маърифатии хонандагон баррасӣ мегардад.

Мафҳуми «мазмун» тамоми унсурҳои таркибӣ ва ҷиҳати асосии таҳсилоти муосирро фаро мегирад. Аз ин хотир, дар вақти таҳқиқи ин масъала суле ба миѐн меояд, ки барои чӣ мазмуни маълумот наметавонад, ки тамоми масъалаҳоро фаро бигирад?

Мактаб чун аносири иҷтимоӣ ва мукаммалсозии хонанда бо дарназардошти инкишофи қувваҳои истеҳсолӣ ва муносибатҳои ночори истеҳсолии замон ба раванди омӯзиш фарогирифта мебошад, ки барои инкишофи зиндагӣ ва ҷомеа бағоят зарур аст.

Бинобар ин, зимни мазмуни маълумот низоми донишҳои асосии илмӣ, маҳорату малакаҳои амалӣ, ғояҳои ҷаҳонбинии илмӣ ва маънавию эстетикие, ки дар раванди тадрис барои хонандагон дар айни замон зарур аст, дар назар гирифта мешаванд. ~~И~~Ин омил чун яке аз қонунияти ташаккули мазмуни таҳсилот буд, ҳаст ва боқӣ мемонад. Аммо дар байни низомҳо дараҷаи калонтарин, ки ба ташаккули мазмуни маълумот сабаб мегардад, инҳо мебошанд: 1) мақсадҳои қабулкардашуда; 2) комѐбиҳои иҷтимоӣ ва илмӣ; 3) талаботи иҷтимоӣ; 4) талаботи шахсӣ; 5) ~~и~~мкониятҳои педагогӣ ва ғайра” [19, с. 22].

Масъалаи дарсро кушода, омӯзгор зимни тадрис бояд нишон диҳад, ки ӯ бо кадом маҳорату малака хонандагонро мусаллаҳ мегардонад ва бояд ба хеш пайваста ҳисобот диҳад, ки чиро соҳиб шудаанд. Мунтазам ин ғояро ба шогирдон талқин мекунад. Шогирдон бояд донанд, ки дар мактаб ба онҳо нафақат дониш меомӯзонанд, балки ба онҳо ―тарзи омӯхтан”-ро ѐд медиҳанд ва маҳорати омӯзишро дар тӯли ҳаѐт инкишоф медиҳанд, чунки худмаълумотӣ ба ҳар як инсон дар ҳаѐти муътадил ва кор дар тамоми ҷабҳаҳои гуногун амри боистанист.

- Чӣ гуна бояд, масъалаи маърифати дарсро аз рӯйи ҳама гуна фанҳо тавассути мазмуни маълумот ба роҳ монд?

Мо дар зер якчанд намуди масоилро мисол меоварем, ки ҳар як омӯзгор метавонад аз онҳо ба таври воқеӣ дар фанни худ истифода барад:

- кадом шакли таълим имкон дорад сатҳи дониши назарии навро барои хонандагон такомул бахшад (далоили илмӣ, фаҳмишу хулосаҳои умумӣ, қоида ва ғайра);
- кадом фаҳмишу идрок бояд амиқан баррасӣ шаванд;
- кадом маҳорату малакаҳо (ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ, ҳисобӣ ва ғайра) дар хонандагон ташаккул меѐбад ва чӣ гуна мустаҳкам мешавад?
- чӣ гуна маҳорати мустақилона кор кардан ва усули фаъолияти фикриро дар дарс муаллим меомӯзонад?
- чӣ гуна ба хулосаю натиҷагирӣ (ғоявию назарӣ, ҷаҳонбинӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ) омӯзгор хонандагонро ба маводи ин мавзуъ ворид месозад ва хулосаҳои умумии маҳорати ақлӣ дар хонандагон чӣ гуна ташаккул меѐбад?

Дар аввали дарс омӯзгор масъалаи маърифатиро мегузорад ва дар ҷараѐни кор ба он бозгашта, дарсро ҷамъбаст ва дониши андӯхтаро чунин хулоса мекунад, ки хонандагон чӣ чизи навро омӯхтаанд, дар онҳо кадом маҳорату малака ташаккул ѐфт, бедории шавқу ҳавас ҳамчун омили инъикоси мазмуни маълумот ва фаъолнокии маърифат ба назар мерасад (агар мундариҷаи дарс имкон диҳад). Ҳамаи ин мушоҳидаҳо метавонанд, омилҳои муассири мазмуни маълумотро дар ташаккули фаъолнокии маърифат муайян намояд.

Бо вуҷуди ин дониш маҳоратро ифода мекунад. Дар ҷараѐнии таълим далелҳои зиѐде вомехӯранд, ки хонандагон сарфи назар аз доштани иттилооти зарурӣ он донишҳоро дар амал татбиқ мегардонанд. Чаро? Чунки онҳо нисбати ин бепарво ҳастанд. Таҷриба нишон дод, ки хонандагони мактаб дар интихоби самти азхуднамудани дарс як нуктаи назари муайянеро соҳиб нестанд. Ба тамоми хонандагони синфҳои 10 ва 11 мактабҳои зикршуда анкета -саволнома оид ба кадом услуби дарс бештар ба шумо писанд аст, вариантҳои зерин пешниҳод карда шуд.



Расми 3. Натиҷаи анкета-саволнома оид ба писанд будани услуби дарс



Расми 4. Натиҷаи анкета – саволнома оид ба писанд будани услуби дарс



Расми 5. Натиҷаи анкета – саволнома оид ба писанд будани услуби дарс

Дар ҷадвалҳои боло барои намуна ҷавобҳои хонандагони синфҳои 10 ва 11-ми мактаби миёнаи умумии №34 ва №33-юми дар шаҳри Душанбе, мактаби №67 н.Рӯдакӣ ва мактаби №17 шаҳри Ваҳдат бударо пешкаш намудем.

Ба суолҳои гузоштаи мо хонандагони мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №67, ноҳияи Рӯдакӣ ба таври қонеъкунанда ва ҳатто умедбахш посух дода буданд. Аксари хонандагон хоҳиши дар озмуни ―Хушнависон”-и мактаб иштирок намуданро тазаккур доданд. Як қисми онҳо дар заминаи асарҳои хондаашон ва ѐ ин ки вобаста ба мавзуҳои дарси адабиѐт нақш бозиданро иброз карданд. Чунин андешаҳо аз ҳуввийяти хонанда ва фаъолнокии марифатии онҳо дарак медиҳад. Сифати хуби дарс имкон медиҳад, ки хонандагон мустақилона андеша баѐн намоянд.



Расми 6. Натиҷаи анкета - саволнома оид ба писанд будани услуби дарс

Барои беҳтар намудани сифати фаъолнокии хонандагон адабиѐт ҳамчун фанн нақш мебозад. Баробари ин, дараҷаи азхуднамудани фанни адабиѐт ин ҷузъи назарияи адабиѐт мебошад. Албатта, ташаккули тафаккури хонандагон дар заминаи масъалагузорӣ ва баѐни саволу супориш ба амал меояд. Чунки адабиѐт ҳамчун як фанни муҳим ба тахайюл ва ҳиссиѐти хонандагон бетаъсир наемонад. Аз ин хотир, байни методҳои асосии таълими фанни адабиѐт як ҳамбастагӣ арзи вуҷуд дорад ва махсусан аз ѐд намудан, нақл кардан ва шарҳ додан барои бедории тафаккури хонанда саҳм мегузорад. Ҳангоми дарс шарҳ додани матнҳои бадеӣ барои хонандагон шавқовар низ мебошад (расми 7).

Мутобиқ ба талаботи давр барои мураттаб намудани майлу шавқи хонандагон, ҷалби онҳо ба хондани китобҳои электронӣ, шунидани китобҳо дар шакли аудио ва тамошои филмҳои видеоӣ муҳим мебошад.



Расми 7. Методҳо барои фаъолсозии хонандагон дар раванди дарс

Ҳамчунин фаъолнокии хонандагони синфҳои болоӣ ҳангоми азхуд намудани барномаҳои компютерӣ ва дар заминаи он сохтани презентатсияҳо дар мавриди мавзуи дарсӣ, ташкил намудани вебинарҳо, курсҳои омӯзишӣ дар олами маҷозӣ ва è ин ки дар гурӯҳҳои иҷтимоӣ мутобиқи талаботи замон аст. Чунки дар ин сурат хонанда бо як шавқи хосса ба масъалаи асосӣ ворид мегардад.

Зербоби 2-юми боби 2-юм “Омӯзиши мазмуни иттилоот дар ҷараѐни фаъолиятҳои таълимӣ ҳамчун заминаи рушди фаъолнокии маърифатии хонандагон” ном дошта, аз он ҷумла, иброз шудааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо тамаддуни ҷаҳонӣ ба даврони шадиди ҷаҳонии рақобат, таваккул ва мубориза, ҷустуҷуи модели муассиртарин ва дар айни замон инсонпарваронаи рушди тамаддун ворид мешавад. Дар марҳалаи ҳозираи тараққиѐти тамаддун муҳимтаринаш инҳо мебошанд:

- куллан баланд бардоштани нақши дониш дар ҳаѐти муосир;

- расидан ба зинаи нави рушди технологӣ аз ҳисоби рушди технологияе, ки ба тағйирѐбии равандҳои табиӣ мусоидат мекунад ва ба технология, тағйирѐбандаи табиати биологии инсон (муҳандисии генетикӣ) таъсир мерасонад;

- ҷаҳоншавии иқтисодиѐти ҷаҳонӣ, ки ба таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ дар сатҳи сайѐра нигаронида шудааст, ки дар он бояд манфиатҳои миллии ҳар як кишвар ба инобат гирифта шаванд.

Нодида гирифтани чунин нуктаи муҳим метавонад боиси ихтилофот гардад, ки оқибатҳои бебозгашт доранд.

Модулҳои таълим бо хусусияти таълимдиҳанда ва фаъолияти таълимдиҳандагӣ, бо хусусияти ҳамкории мутақобилаи муаллим ва хонанда ва бо ташкилу коркарди дидактикии муҳтавои омӯзиш, бо воситаҳо ва методҳои таълим, ки танҳо ба ҳамин модели таълим хос мебошад, фарқ мекунанд.

Дар ин замина бояд қайд намуд, ки системаи муосири мактаби таҳсилоти умумӣ потенсиали худро фақат дар ҳолате пурра татбиқ карда метавонад, ки агар донишро на танҳо ҳамчун соҳаи танг барои фаъолияти касбӣ, балки ҳамчун шарти ташаккули муносибатҳо баррасӣ намояд. Мактабҳои таҳсилоти умумӣ дар тарбияи насли наврас дар муқоиса бо оила бартариятҳои худро дорад. Бартарияти якум – тахассуси мураббиѐн ва вақти барои тарбия таъиншуда мебошад. Бартарияти дуюм – коллективи хонандагон, ки берун аз он ягон сухан ба натиҷаи дилхоҳ намерасонад.

Чӣ тавре ки дар рафти таҳлили назариявӣ ошкор карда шуд, воситаҳои дидактивии фаъолгардонии таълим масъалаи баҳснок мебошад. Дар бораи ин масъала бисѐр навиштаанд ва гуфтаанд, аммо ин падида ҳамкории мутақобилаи муаллимон ва хонандагонро ҳам «мегузаронад», ҳам «амалӣ мекунад», ҳам «татбиқ мекунад» ва ҳам «интиқол медиҳад», дар рафти он масъалаҳои таълими хонандагон, «раванди ҳадафмандонаи педагогии ташкил ва ҳавасмандкунии фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагон оид ба аз худ намудани донишҳои илмӣ ва малакаҳо, рушди қобилиятҳои эҷодӣ, ҷаҳонбинӣ ва нуқтаи назарҳо ва эътиқодоти ахлоқӣ-эстетикӣ» ҳал карда мешавад.

Фаъолияти муаллим ва хонанда ҳангоми таълими фаҳмондадиҳӣ-ороишотӣ ба тарзи зерин ташкил карда мешавад:

Ҷадвали 1. Фаъолияти муаллим ва хонанда ҳангоми таълими фаҳмондадиҳӣ-тавсифӣ

Муаллим	Хонанда
бо истифода аз воситаҳои гуногун ба хонандагон дар бораи унсурҳои нави малака ва маҳорат маълумот медиҳад	ахбори таълимиро таҷдид мекунад
лаҳзаҳои нисбатан муҳимро шарҳ медиҳад	лаҳзаҳои нисбатан му-ҳимро дар шакли маводи аввалин азхуд
фаҳмидани ахбори таълимиро ташкил мекунад.	тарзҳои мухталифи амиқ-фикрронии маводҳои таъ-лимиро
ҷамъбасти донишҳоро ташкил мекунад	донишомӯзиро ҷамъбаст мекунад
мустаҳкамкунии маводи таълимиро бо роҳи такроркунӣ ташкил мекунад.	маводи омӯхташударо бо роҳи такроркунӣ ва бо қабули мисолҳои гуногун мустаҳкам мекунад
истифодаи донишҳоро бо роҳи гузоштани вазифаҳои амалӣ ва супоришҳои корӣ ташкил мекунад	маводи омӯхташударо дар рафти иҷрои машқҳо истифода мекунад

Таълими хабардиҳанда ҳамчун роҳи ташаккули донишҳо, бешубҳа, бартариятҳо дорад: расондан ва аз худ намудани донишҳо дар сохтор, пай дар пай дар реҷаи иқтисодӣ ва суръат, якбора барои миқдори зиѐди хонандагон амалӣ карда мешавад. Аммо дар ин муносибат камбудиҳо низ вуҷуд доранд: фаъолияти хонандагон асосан аз ҳифз ва такрор кардани маълумоте, ки муаллим пешниҳод менамояд, иборат мебошад. Бинобар ин, қобилияти ақлонӣ ва малакаи хонандагон, ба мисли дида тавонистани масъалаҳо, савол додан, таҳлил ва муқоиса кардани далелҳо, ҷудо намудани ҷузъ аз кулл ва дигар малакаҳои зеҳнӣ, ки мувофиқи дидактикаи муосир ҳадафи муҳимтарини таълим дар баробари ташаккули донишҳо ва роҳнамоии арзишмандии мактаббачагон мебошанд, кам рушд мекунанд.

Ба ибораи дигар, таълим тафаккурро рушд намедиҳад. Бинобар ин, дар дидактика, махсусан дар асри XX, моделҳоеро ҷустуҷӯ мекарданд, ки ба омӯзиши тафаккури танқидӣ, самаранок (продуктивӣ, дар фарқият аз репродуктивӣ), малакаҳои тафаккури эҷодӣ имконият фароҳам оварда тавонад. Таълими проблемавӣ ҳамин тавр пайдо мешавад. Таълими проблемавӣ дар педагогикаи Д. Дюи (1859–1952) ва олимони асри XX ба андозаи пурра таҳия гардид.

Таълими проблемавӣ – модули таълимест, ки аз тарафи муаллим фаъолияти ҷустуҷӯии нисбатан мустақилона ташкил карда мешавад ва хонандагон дар рафти он донишҳо ва малакаҳои навро аз худ менамоянд, инчунин фаъолмандии таҳқиқиро тараққӣ ва малакаҳои эҷодии худро ташаккул медиҳанд. Дар ин ҳолат

хусусиятҳои тадрис ва таълим дар муқоиса бо таълими хабардиҳанда сахт тағйир меёбад: хонандагон ба таҳқиқоти хурд ва ѐ кори амалии эҷодӣ машғул мешаванд (масалан, аквариум месозанд, асбоб ихтироъ мекунанд ва ғайра).

Фаъолияти муаллим ва хонандагон ҳангоми таълими проблемавӣ ба таври зерин мегузарад:

Ҷадвали 2. Фаъолияти муаллим ва хонандагон ҳангоми таълими проблемавӣ

Муаллим	**Хонанда**
Дар шакли савол масъалаи баҳснокро пешкаши хонандагон мекунад	Масъаларо дарк мекунад ва барои роҳҳои имконпазири ҳалли он ба кор сар мекунад
Мулоҳиза кардани хонандагонро сари вазифаи гузошташуда ташкил мекунад	Дар бораи роҳҳои имконпазири ҳалли ин масъала ибрози ақида мекунад
Исбот кардани дурустии роҳи пешниҳодкардаи ҳалли масъаларо талаб мекунад	Дуруст будани яке аз роҳҳои ҳалли масъаларо исбот мекунад
Агар фарзияи хонанда дуруст бошад, он гоҳ хулоса баровардарро дар бораи дурустии онҳо мепурсад	Дар бораи донишҳои нави ҳосил кардаи худ хулоса баровардаро, онро ҷамъбаст мекунад
Дар сурати ғалат будани фарзия, пешниҳод мекунад, ки ғалатро ѐбад ва хулосаи дуруст барорад	Ба ҷустуҷӯи ҳалли дурусти масъала машғул мешавад
Натиҷаи ҳалли масъалаи хонандаро ҷамъбаст мекунад, дастоварди вайро қадрдонӣ мекунад	Роҳҳои бештар самараноки ҷамъбасти мавзуъро аз худ мекунад
Бо мақсади мустаҳкам кардани донишҳои нав масъалагузорӣ мекунад	Бо роҳи такрори хулосаҳои ҷамъбастӣ донишҳои ҳосилкардаро мустаҳкам мекунад
Дар бораи дар амал истифода бурдани донишҳо масъалагузорӣ мекунад	Доир ба истифодаи донишҳои ҳосилкарда дар амал масъала ва вазифаҳоро ҳал мекунад

Тавре аз ҷадвал маълум мешавад, фаъолияти хонанда ҳангоми таълими проблемавӣ дар чанд марҳила мегузарад:

- муайян ва мушаххас намудани масъала;

-таҳлили шароит ва дар натиҷа ҷудо кардани маълум аз номаълум;

- пешниҳод намудани фарзияҳо ва интихоби нақшаи роҳи ҳал;

- татбиқи нақшаи тасмим ва ҷустуҷӯи тарзҳои тафтиши дурустии амалиѐт ва натиҷаҳои тасмимҳои иҷрошуда.

Муаллим дар ҳар як марҳала вазифаи роҳбарӣ ба раванди таълим ва истифодаи аѐниятҳои таълими бевосита ва бавоситаи босифатро ташкил намуда, амалӣ шудани онро назорат ва иҷро менамояд.

Барои ҳалли ин масъала мо бояд шарту омилҳои асосии ташаккули ҷараѐни таълимро дар доираи навгониҳо (инноватсионӣ)-и педагогӣ тавассути таълими

модулӣ ба назар гирем. Барои асоснок кардани шароитҳои педагогие, ки ба рушди фаъолнокии маърифатии хонандагон мусоидат мекунанд, бояд фаҳмонем, ки мо чӣ гуна фаҳмиш дорем ва дар адабиѐти илмӣ нуқтаҳои назари гуногун чӣ гуна аст.

Таълими модулӣ маҷмуи тадбирҳоест, ки: ~~–б~~а баланд бардоштани самаранокии фаъолияти педагогӣ нигаронида шудаанд” [26, с.132].

Албатта, таълими модулӣ дар рушди фаъолнокии маърифатии хонандагон вобаста ба проблемагузории таълим метавонад, таъсиррасон бошад. Фаъолнокии маърифатии хонандагон бояд мақсаднок, осон, амиқ, моҳирона ва амиқ бошад. Инчунин, барои ташаккул додани фаъолнокии маърифатии хонандагон бояд онҳоро, пеш аз ҳама, бо системаи фаҳмиш ва донишҳои мукаммали зарурӣ мусаллаҳ намуд.

Ҳамчунин, вобаста ба ин масоил метавонем меъѐрҳои зеринро барои ташаккули рушди фаъолнокии маърифатии хонандагон дар фаъолияти педагогии омӯзгорон пешниҳод кунем:



Расми 8. Меъѐрҳо барои ташаккули рушди фаъолнокии маърифатии хонандагон дар фаъолияти педагогии омӯзгорон

Ҳар яке аз меъѐрҳои пешниҳодшуда дар маҷмуи нишондиҳандаҳо ошкор карда мешаванд. Дар асоси меъѐрҳои интихобшуда сатҳи ташаккули фаъолнокии маърифатии хонандагон муайян карда мешаванд, ки ин дараҷаи паст, қаноатбахш, миѐна, баландро дар бар мегирад.

Доир ба масоили шакл ва воситаҳои омӯзиши мазмуни маълумот ҳамчун заминаи ташакули фаъолнокии маърифатии хонандагон дар фасли дуюми диссертатсия мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор дода шуда, дар ҳамин асно, кори таҳқиқотӣ бо ҳамроҳии омӯзгорон ва методистон сурат гирифт, ки дар мазмуни дарс диққати асосиро бо чунин ҷузъиёт: ислоҳот, донистани қавоид, маҳорати истифодаи онҳо, ташаккул додани маҳорати хонанда ва фаъолнокии маърифатӣ мутамарказ намуда, дар натиҷа мо ҷузъиёти мазмунро ошкор сохтем, ки аз ҷиҳати хусусияти ҳазмкунӣ ва махсусияти дарс ба ҳам наздик аст.

Боби 3-юми диссертатсия "Таҳқиқоти озмоишии шароитҳои педагогии рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ" унвон дошта, **дар зербоби якуми он** шароитҳои педагогӣ ва тадбирҳои муассири рушди фаъолнокии маърифатии хонандагон мавриди тасвибу озмоиш қарор дода шудааст.

Аз он ҷумла, таъкид шудааст, ки яке аз масъалаҳои муҳими маорифи кишвар рушди фаъолнокии хонандагон барои ҳаёти минбаъдаи мустақилона маҳсуб меёбад. Хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бидуни омодагӣ ба зиндагии оянда қадамҳои мустақилона гузошта наметавонанд. Ин аст, ки мактаб дар тарбияи шаҳрванди комилҳуқуқи оянда саҳми худро мегузорад. Аз ин лиҳоз, масъалаи ташаккули фаъолнокии маърифатии хонандагон дар шароити муосир аҳамияти хосса пайдо кардааст.

Мутобиқ ба ин, дар тафсири мо, фаъолнокии маърифатӣ хусусияти сифатӣ ва динамикии субъекти фаъолияти таълимӣ мебошад, ки ба дарки олами атроф, одамони дигар ва худ нигаронида шуда, маҷмуи салоҳиятҳои асосиро дар бар мегирад.

Бинобар ин, фаъолнокии маърифатӣ ҳамчун хусусияти динамикии шахсият, ки дар натиҷаи раванди муташаккили маърифат ба даст меояд, мустаҳкам мешавад ва инкишоф меёбад, ташаккули мураккаби сохторӣ буда, ҷузъҳои зеринро дар бар мегирад: ҳавасмандӣ, динамикӣ, таъсирбахшӣ ва рефлексионӣ. Дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи падидаи таҳқиқшаванда мо ба хулосае омадем, ки параметрҳое, ки ҷузъҳои сохтории фаъолнокии маърифатии хонандагонро тавсиф мекунанд, метавонанд ҳамчун хосиятҳои асосии шахсӣ хизмат кунанд, ки саъйю кӯшишҳои иттилоотию маърифатӣ ва танзимӣ-рефлексивии субъекти фаъолияти таълимиро таъмин менамоянд. Ҷузъи танзимкунанда, ки бештар бо устуворӣ ва таъмини омодагӣ барои амалҳои маърифатӣ тавсиф мешавад, мавзуи мақсад барои рафъи монеаҳо дониста шудааст.

Рушди фаъолнокии маърифатии хонандагон дар сурати мавҷуд будани шароити муайяни педагогӣ, ки ба онҳо таъминоти иттилоотии босифати раванди таълим, ташкили робитаи муколамаи байни омӯзгорон, хонандагон ва роҳбариятро дар бар мегирад, бомуваффақият хоҳад буд.

Барои ҳамин, дар вақти таҳияи нақшаи дарс омӯзгорро зарур меояд, ки ба хотири баланд бардоштани завқи хонанда ва ҳисси онҳо вобаста ба мавзуъ аз маълумотҳои иловагӣ истифода намояд ва бо ҳамин дар зеҳни хонанда ҳисси наверо вобаста ба мавзуъ бедор намояд.

Мақсади асосии мо инкишофи ҳамаҷонибаи шахсияти хонандагон-хатмкунандаҳо ба ҳаѐти нави иҷтимоӣ ва таъмини рушди умумии як инсони маънавӣ дар заминаи риоя намудани меъѐрҳои иҷтимоӣ мебошад. Омӯзгорони мактабҳои мутавассита барои ноил гардидан ба мақсади худ аз усулҳои мухталиф истифода менамоянд. Дар ин самт бештари омӯзгорон ба мушкилот рӯ ба рӯ мегарданд. Баъзан хонандагон мавзуро дуруст дарк кардан намехоҳанд ва ѐ дар атрофи чизе баҳс карданро хоҳиш надоранд. Чунки дар умқи андешаҳои онҳо бештар ниѐзҳои моддӣ давр мезанад ва ин ҳам афзалияти хонандагон ба шумор меравад. Зеро ҳамчун як шахсият барои расидан ба мақсад иқдоми нахустро аз заминаи моддӣ эҳсос менамояд. Аммо гурӯҳе аз онҳо ҳалли мушкилоти моддии худро дар оянда ба дӯши волидайн месупорад.

Барои татбиқи масъала дар муассисаи таҳсилоти миѐнаи умумии №33 дар шаҳри Душанбе ҳангоми дарси забон ва адабиѐти тоҷик озмоиш гузаронида шуд. Қарор додем, ки тариқи ҳам шифоҳӣ ва ҳам хаттӣ аз хонандагони синфи 11 дар мавриди мавзуи дарс-–Ҳаѐт ва фаъолияти Мирзо Турсунзода” буд”, санҷиш гузаронем. Зимни санҷиш аксари хонандагон фаъол буданд. Барои онҳо шеърҳои ба Ватан бахшидаи шоир ва силсилашеърҳои –Қиссаи Ҳиндустон писанд буд. Таҷрибаи дар синфи XI гузаронида нишон дод, ки дар муқоиса омӯхтани масъалаҳои мураккаб мунтазам машқ кунонидани малакаҳои мушоҳидакорӣ ва тадриҷан аз содда ба мураккаб гузаштанро тақозо мекунад (Ҷадвали 3).

Дар синфҳои болоӣ вазифаи таълими адабиѐт танҳо аз он иборат нест, ки омӯзгор ба хонандагон дар бораи тарҷумаи ҳол ва мундариҷаи асарҳои нависандагон маълумот диҳад. Вазифаи таълими ин фан аз он иборат аст, ки ҳаѐти нависандагони алоҳида, идеал ва раҳнамои асосии он дар ҳаѐти ҳаррӯзаашон гарданд.

Ҷадвали 3. Посухи хонандагон оид ба ҳаѐт ва фаъолияти Мирзо Турсунзода

Хонанда	**Шумо кадом адиб ва усулҳои эҷоди матнро омӯхтед?**	**Кадом лаҳзаи матн дар хотир монд?**	**Ягон лаҳзаи матни бадеӣ ба ҳаѐт монандӣ дорад?**
Кабутова Роҳила	Мо аз ҳаѐту фаъолияти Мирзо Турсунзода якчанд усулҳои фаъолро омӯхтем	Лаҳзае, ки аз ҳаѐти Мирзо Турсунзода	Бале, ҳамаи онҳо вокеӣ

Идомаи чадвал

		тариқи тахтаи электронӣ дидем	ҳастанд
Нуриддинова Шукрона	Мо аз ҳаѐти М. Турсунзода огоҳ гардидем	Тамошои зиндагии адиб	Ҳамаи матн
Абдулвадудов Ёқубҷон	Аз адиби бузург М. Турсунзода осори ―Байрақи зафар”-ро омӯхтем	Ҳамон лаҳзаи матн дар хотир аст, ки дар куллиѐти адиб ба табъ расида буд	Ягон лаҳзаи матни бадеӣ ба ҳаѐт монандӣ надорад
Норова Самира	Дар ин дарс мо дар бораи тарзи ҳаѐт ва фаъолияти адиб маълумот пайдо кардем	Ҳангоми тамошои навор зиндагиномаи адиб хотирмон буд	Бештаре аз матнҳои бадеӣ ба ҳаѐт рост меоянд
Солеҳзода Хатича	Зимни иш-тирок дар дарс мо аз ҳаѐти адиб воқиф гардидем	Достони ―Ҷони ширин” дар хотир монд	Достони ―Ҳисари Ватан” бештар реалӣ буд
Камолова Маҳина	Ҳаѐту фаъолият ва усулҳои фаъоли адибро омӯхтем	Бештар достонҳои адиб хотирмон буданд	Ҳамаи матни бадеӣ воқеият доштанд
Маъруфова Бунафша	Мо аз осори адиб бохабар гаштем	Лаҳзаҳое, ки ба ҳаѐти адиб дахл доштанд	Қариб ҳамаи матн

Ташкили хониши берун аз синф аз муайян намудани сатҳи шавқу ҳаваси шогирдон ба китобхонӣ ва дараҷаи фаъолнокии онҳо оғоз меѐбад. Усули самарабахши муайян намудани сатҳи шавқу ҳаваси хонандагон ба китоб ин тавассути варақаҳои саволнома (анкета) гирифтани ҷавобҳо мебошад. Тавассути ин саволномаҳо аниқ намудем, ки киҳо чӣ хондаанд, кадом мавзуъ ба онҳо бештар маъқул аст, кадом жанри адабӣ бештар диққати онҳоро ҷалб менамояд, аз китобҳои хондаашон чӣ хел таассурот боқӣ мондааст, боз кадом китобҳоро хонданианд, дар интихоби адабиѐти бадеӣ кӣ ба онҳо маслиҳат медиҳад, аз куҷо китоб дарѐфт мекунанд ва дар як ҳафта чанд соат вақт барои хониши фориғ аз дарс сарф мекунанд (Расми 9).



Расми 9. Нишондиҳандаи китобхонии хонандагони хатмкунанда

Шавқу ҳавас ва майли хонандагонро ба инобат гирифта, омӯзгорони синфҳои озмоишӣ дар китобхонаи мактаб адабиѐти заруриро интихоб намуда, рӯйхати умумии адабиѐти ҳатмӣ ва иловагии барои хониши фориғ аз дарс тавсияшавандаро тартиб медиҳанд ва нусхаро дар китобхона, нусхаи дуюмро дар гӯшаи синфӣ ҷойгир менамоянд. Аммо муҳимтар аз инҳо роҳбарӣ ва назорати хониши фориғ аз дарс мебошад. Аз ин лиҳоз, ба муаллимон тавсия дода шудааст, ки дафтари ба қайдгирии хониши фориғ аз дарс ҷорӣ карда шавад ва хонандагон рӯзномаи инфиродии хониши фориғ аз синфро дошта бошанд.

Дар дафтари бақайдгирии хониши фориғ аз дарс ному насаби муаллиф, номи асарҳои онҳо, ному насаби хонанда, тавзеҳот оид ба таърихи хонда шудани китоб ишора карда мешавад.

Озмоиш нишон дод, ки сатҳи китобхонӣ дар мактабҳои маълумоти умумӣ паст буда, ба талаботи рӯз ҷавоб дода наметавонад (дар расми 10). Ин ҳолат боиси паст рафтани дараҷаи маданиятнокии насли имрӯза гаштааст. Ба ин хотир шароит муҳайѐ сохтан зарур аст, ки шавқу рағбати ҷавонон ба китобхонӣ зиѐд шавад, мутолиаи китоб эҳтиѐҷи зиндагӣ гардад.



Расми 10. Нишондиҳандаҳои озмоиш оид ба хониши бадеии хонандагон

Дар зербоби 2-юми боби 3-юм натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишии шароитҳои педагогии рушди фаъолнокии маърифатии хонандагон таҳлилу баррасӣ шуда, аз он ҷумла, иброз шудааст, ки масоили баланд бардоштани самаранокии таълим, инкишофи шавқу рағбат ва ташаккули шахсияти фаъол дар мадди аввал зери таваҷҷуҳи муассисаи таълимӣ бояд қарор бигирад. Бинобар ин, мафҳуми фаъолнокӣ дар ҷараѐни дарс чун принсипи мустақил арзи вуҷуд дорад. Қабл аз баррасии моҳияти ин принсип бояд таваққуф намуд, ки мафҳуми фаъолнокӣ чиро дар бар мегирад.

Мафҳуми «фаъолнокии маърифатӣ» ва ѐ «фаъол гардонидани таълим» муҳаққиқони зиѐдеро мутаваҷҷеҳ намудааст. Иддае аз муаллифон «фаъолнокии маърифатӣ»-ро ҳамчун фаъолият ва гурӯҳи дигар ин мафҳумро як хислати шахсият шарҳ додаанд.

Истифодаи ақидаҳои овардашуда дар ягонагии диалектикӣ имконият фароҳам овард, ки нуқтаи назари ягонаро ҳосил намоем, то ин мафҳуми «фаъолнокии маърифатӣ» ҳамчун ҳадафи фаъолият, воситаи ноил гаштан ва натиҷаи фаъолият мақбул дониста шавад.

Бояд зикр намуд, ки ҳадаф аз таълим дар мактаб фақат аз худ намудани дониш дар назар нест ва дар ин маврид Шейхов М. меорад: ―Сифатҳои беҳтарини шахсият ташаккул меѐбанд. Яке аз чунин сифатҳо фаъолнокии маърифатӣ мебошад. Ин сифати шахсият дар ҷараѐни фаъолияти маърифатӣ, ки ба фаъолнокии мақсадноки фард марбут аст, ҳосил мешавад. Фаъолнокӣ дар ин ҳолат ҳамчун восита ва шароити ба ҳадаф расидан эътироф мешавад. Фаъолнокии маърифатӣ азалӣ нест ва дар раванди фаъолият ташаккул меѐбад" [24].

Ҳамин тариқ, чунин натиҷагирӣ метавон кард, ки инкишофи босамари фаъолгардонӣ ҳангоми таълими шогирдон аз тарафи муаллим ба миѐн омада, барои пешрафти неруи фикрӣ, ҷисмонӣ ва ирода мусоидат менамояд. Барои ба мақсадҳои мушаххаси таълиму тарбия ноил гаштан, фаҳмидан ҷоиз аст, ки дар ҷараѐни дарс натиҷаи ҳавасманд намудани фаъолнокии хонандагон дар фаъолияти маърифатӣ мебошад.

Бо мақсади муайян намудани мушоҳидакорӣ ва муносибати эҷодкоронаи хонандагон ба онҳо якчанд саволи санҷишӣ дода шуд. Хонандагон ба саволҳо дар шакли анкета ҷавобҳои хаттӣ гардониданд, ки аз рӯйи онҳо сатҳи фаъолнокии маърифатии шогирдон муайян карда шуд (расми 11).



Расми 11. Натиҷаи ҷавобҳои хаттӣ оид ба сатҳи фаъолнокии маърифатии хонандагон

Барои муайян сохтани фаҳмишу фаъолнокии маърифатӣ байни хонандагони синфи 11, мактаби № 5 -и ш. Ҳисор кори мустақилона аз фанни кимиё гузаронида шуд. 34 нафар хонанда ба ―тарафи рост ва чап" ҷудо карда шуд.

Дар кори мустақилона се масъала пешниҳод гардид:

1.Формулаи структурии ду гомологи наздиктарини фенолро нависед.

2.Кадом моддаҳоро кислотаҳои карбонӣ меноманд?

3.Агар ба 7,2 г.глитсирин бо миқдори барзиёди натрий таъсир гузорем, чанд литр газ хориҷ мешавад?

4.Формулаи кислотаи мурчаро нависед ва массаи онро ҳисоб намоед.

Натиҷа дар расми 12 оварда шудааст.



Расми 12 Натиҷаи кори мустақилона аз химия

Фақат хонанда Раҷабов М. ба саволҳо ҷавоби пурра навиштааст.

Дар вақти тасвири шакл ва формулаи фенол бештари хонандагон иштибоҳ намудаанд.Масалан:

Яъне, кунҷҳои муайян ва тасвири шакл аз ҷониби хонадагон нодуруст инъикос гардидааст.



Ягона суоле, ки хонандагон ҷавоб додаанд, ин масъалаи чорум буд, ки ҷавобаш дар ҳақиқат чунин аст: Формулаи химиявии кислотаи мурча чунин аст:

CHO2 O2.

Муродифи ―кислотаи мӯрча‖ ин кислотаи метан ва карбон мебошад ва массаи он ба 46 г. мол таркиб ѐфтааст.

Чунин натиҷа маънои онро дорад, ки хонандагон барои дарки мавзуъ омода нашудаанд ва дар ҳалли масъалаҳои кимиѐӣ нисбатан камфаъоланд.

Фаъолкунии амали идроки хонанда дар ҷараѐни мустаҳкам кардани маҳорати алоқамандии корҳои ―рӯ ба рӯ‖ синфро ба масъалаҳои инфиродӣ таъмин менамояд. Шарти дигар он аст, ки хонандагон аввал матнро хонда, баъд метавонанд онро ба амсила таҷзия намоянд. Методи мустаҳкам кардан, ҷамъбаст ва ба низом даровардани дониш аз рӯйи фанҳои таърих, биология, географияи иқтисодӣ аз усули ҷолиб буда, амали он ҷадвал аст, ки хонандагон ҳамроҳи омӯзгор мураттаб мекунанд. Баланд бардоштани самаранокии дарс бо корҳои гуногуну мустақили хонандагон алоқаманд аст, ки дар тамоми ҷараѐни таълим мақоми бузург мебозад. Ба назари мо, тамоми самтҳои алоқамандии фанҳоро дида баромадан шарт нест ва дар ин баъзе нишондод оид ба истифодаи донишҳои болоии хонандагон ҳангоми омӯзиши курси биологияро метавон баррасӣ кард.

Дар ин маврид метавон натиҷаи корҳои мустақилона аз фанни биология дар синфҳои 11 дар мактаби № 5-ми шаҳри Ҳисор мисол шавад. Тули сол дар мавсимҳои гуногун се кори мустақилона гирифта шуд. Маълум гардид, ки хонандагон дар давоми сол ба баҳои аввали қанотманд буда, омӯзгорон низ дар ин самт бо онҳо мусоидат намудаанд. Дар ин ҳолат фаъолнокии маърифатии хонандагон дар вақти омӯзиши фанни биология заиф аст ва ин дар ҳолест, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои омӯзиши фаннҳои дақиқ озмуну чорабиниҳои мухталиф роҳандозӣ намудааст. Ҳар се корҳои мустақилона дар заминаи саволномаҳои тестӣ гирифта шудааст (расми 13).



Расми 13 Натиҷаи баҳо аз кори мустақилона

Бештари аз хонандагон ба суоли дар растаниҳои бисѐрсола поя аз чӣ инкишоф меѐбад, ҷавоби кофӣ надодаанд. Ин фан пеш аз ҳама ҳаѐти биологии курраи заминро дар марҳилаҳои асосӣ меомӯзад. Ҳамзамон , барои омӯзиши масоили тиббӣ, экологӣ, хоҷагии қишлоқ ва биотехнология муҳим аст. Хонандагони синфи 11 дар навбати худ ба ин фанн аз ду ҷониб шавқ зоҳир менамоянд: яке барои касби оянда ва дигаре ба хотири маърифат намудани ҳодисаҳои биологӣ (Ҷадвали 3).

Ҷадвали 3. Саволномаҳои тестӣ аз фанни биология барои корҳои мустақилона

Рақами саволнома	**№1**	**№2**	**№3**
1	Дар растани-ҳои бисѐрсола поя аз чӣ инкишоф меѐбад: А) Реша; В) Пустпарда; С) Ҷилди тухм; Д) Муғча.	Қонуни қатори гомологии ирсияти тағйирпазирро кӣ пешниҳод кард: А) Мичурин; В) Вовилов; С) Северсов; Д) Пирогов.	Баргакҳои замин аз кадом қабатҳо иборат аст: А) берунӣ, мавсимӣ, ҷилд; В) бластула, гаструла, эндодерма; С)гаструла, мезодерма, экмодерма; Д)экмодерма, энодерма, мезодерма.
2	Мушакҳои сикменти моҳӣ бо чӣ маҳкам мешавад: А) Пӯст; В) Устухон; С) узви дарунӣ; Д) Руйпӯши	Дар чорводорӣ кадом шаклҳои гибриткунонӣ истифода бурда мешаванд: А) даруни зотҳо; В) байни зотҳо; С) ҳардуяшон;	Пайдоиши та-шаккул ва таф-риқшавии узв-ҳоро дар инки-шофи ҷанинӣ чӣ меноманд: А) антосинтез; В) гаметогенез; С) органогенез;

Идомаи ҷадвал

	хитинӣ.	Д) ягонтаяшон.	Д) филогенез.
3	Хромосомаҳо дар куҷо ҷой-гир шудаанд: А) Ядро; Б) Митохондрия; С) Рибисомаҳо; Д) Ситоплазма.	Маҷмуи реак-сияҳои синтези биологӣ мубодилаи пластикӣ ѐ худ... номида мешавад: А) дисимилятсия; Б) ассимилятсия; С) денотурятсия; Д) ренотурятсия.	Хосияти орга-низмҳои зиндаро, ки новобаста аз тағйироти муҳимми беруна ва дохилӣ сохтори худро такрор нигаҳ медорад, чӣ ном дорад: А) гомомарфоз аз иқлим; В)гепиромарфоз аз сабзиш; С) ороморфоз аз тағйирпазирӣ; Д) гомеоосмаз аз ирсият.
4	Дар натиҷаи ҳамзистӣ сим-биози ҳуҷай-раҳои прока-риоти гуногун чӣ пайдо шуд: А) прокориотҳо; Б) Эукариотҳо; С) Пирусҳо; Д) Бактерияҳо.	Транскрипсия чист ва дар куҷо мегузарад: А) додани ахбори ирсӣ; Б)нусхабардории ахбори ирсӣ дар ситоплазма; С)нусхабардории ахбори ирсӣ дар ядро; Д)гузаронидани ахбори ирсӣ аз КРН ба сафеда.	Гурӯҳи калони таснифотӣ чӣ тавр ба вуҷуд омадааст: А)регресси биологӣ; В)регенератсия; С) идеоадаптатсия; Д) араморфоз.

Боиси зикр аст, ки фаррохии тафаккур дар ҳамон дарсҳои ҷамъиятшиносӣ ба миѐн меояд, ки агар омӯзгор мувофиқи имкон аз ҳама гуна анвои дониш истифода барад ва дарсро чунон ташкил кунад, то ки хонандагон омилҳои таҷрибавию махсусро идрок кунанду ҳодисаҳои фалсафӣ ҷамъбаст шаванд.

Маҳз аз маҳорати гузориши савол дар дарс афкори эҷодкорона ба ҷунбиш меояд, ѐ ин ки дарс бо бешавқмандӣ, бесамарии кори омӯзгор поѐн меѐбад [17, с. 22]. С. В. Рубинштейн дар ин маврид таъкид менамояд: ―Афкори инсон ҳамон вақт оғоз мешавад, ки агар талаботи чизеро дарк кардан ба миѐн ояд‖ [16, с. 83].

Афкор доимо аз проблемаҳо ѐ саволот ба миѐн меояд. Омӯзгор ҳангоми омӯзиши ягонагӣ ва муборизаи баҳамзидҳо бо хонандагон таърифи барҳаққи Ф.Энгелсро эълон менамояд: ―Ҳаѐт ин табдили материя тавассути ғизо ва секретсия аст, ки раванди худфаъолият-кунанда, модарзодӣ ва модарзодии намояндаи худмуайянкунӣ мебошад, ки бе он организм зиндагӣ карда наметавонад‖ [17, с. 83].

Ҳамчунин, таҳқиқоти амалии ҷамъбасткунандаи раванди инкишофу ташаккули фаъолнокии маърифатии хонандагони синфҳои X- XI-ро дар мактабҳои таҷрибагузаронда то давраи озмоиш ва пас аз озмоиш мавриди санҷиш қарор дода, муқоисаи фаъолнокии маърифатӣ ба миѐн гузошта шуд (Расми 14).



Расми 14. Ҷамъбасти анкетаи озмоишӣ

Озмоиш 172 нафар фориғултаҳсилро дар бар гирифта, тавассути саволнома баргузор гардид. Гурӯҳҳо аз фанни адабиѐт омода гардида, мазмунан фаъолнокии хонандагонро дар дарс ва берун аз он мавриди санҷиш қарор дода буд.

Меъѐри муҳимми фаъолнокии хонандагон дар он вақт ба омӯзгор имкон медиҳад, ки кулли васоити фаъолгардонӣ дар ягонагӣ бо зуҳуроти шавқу рағбат, ба кӯшишу мароми ботинии хонандагон ба ҳадафи раванди таълим мувофиқат намоянд.

Фаъолсозии фаъолияти маърифатии хонандагон пеш аз ҳама, аз услуби хуби дарс, роҳҳои дарѐфти ҷанбаҳои асосии фаъолнокии худи фаъолияти маърифатӣ, муошират тарафайн (омӯзгор ва хонанда) ва истифодаи дарсҳои интерактивӣ вобастагӣ дорад.

ХУЛОСА

Дар марҳалаи кунунӣ ҷомеаи ҷаҳонӣ барои наҷоти худ дар баробари мушкилот роҳҳои нави рушдро ҷустуҷӯ мекунад. Ҳалли ин роҳҳо тавассути дониш, таълим ва заминаҳои таърихии ташаккули онҳо имконпазир аст.

Хусусияти хоси рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи ҳозира – марҳалаи рушди муносибатҳои бозорӣ ва нақши пешбаранда ба маориф тааллуқ дорад.

Мусаллам аст, ки ҷанбаҳои асосии тайѐр кардани мутахассисони ояндаи баландпоя бо ворид шудани ҷумҳурӣ ба фазои ҷаҳонии маориф алоқаманд аст.

Чунонки маълум аст, муддати дароз илми педагогика бо масъалаҳои таълиму тарбия машғул мебошад. Аммо дар марҳалаи ҳозира педагогика тамоми маҷмааи фазои тарбияро фаро гирифта наметавонад. Давраи муосир на танҳо омӯзиши

таълиму тарбияро тақозо мекунад, балки бояд илме ба миён овард, ки таълимро ҳамчун категорияи иҷтимоӣ-педагогика ва байнисоҳавӣ баррасӣ кунад [1-М].

Паҳлуҳои асосии ҳавасмандкунӣ тибқи барномаи таълимӣ таҳия гардида, заминаҳои иҷтимоӣ, маърифатӣ, эҷодӣ ва махсусияти динамикии онро дар бар дорад. Ба мактаб ва муаллими муосир лозим аст, ки тамоми маҷмуи воситаҳоеро, ки илмҳои педагогика, психология ва методика таҳия кардаанд ва ба рушди соҳаи ҳавасмандии хонандагон нигаронида шудааст, истифода барад. Фаъолнокии маърифатӣ заминаҳои инкишофи рафтори инсонро мураттаб намуда, барои корҳои хуб намудан ба шахс тадриҷан замина мегузорад [3-М].

Аз ин хотир, таҳқиқи масъалаи марбут ба шароит ва тадбирҳои муассири дидактикӣ ҳамчун воситаи рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ (синфҳои èздаҳум) дар раванди таълим имкон медиҳад, ки ба ташаккули фаъолнокии маърифатии хонандагон ҳангоми омӯзиши фанҳои таълимӣ мусоидат намояд.

Омили асосии ташаккули асосҳои инкишофи ҳавасмандии маърифатии хонандагон рушди имкониятҳои педагогӣ мебошад, ки ба талаботи беҳтар намудани шахсияти хонанда шароит фароҳам меорад. Ташаккули ҳавасмандии маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ ҷузъҳои инфиродӣ-ҳавасмандӣ, тадқиқотӣ ва мундариҷавӣ-факултативиро дар бар мегирад [1-М].

Ҷараèни таълим, қабл аз ҳама, барои фаъолияти маърифатҷӯии хонандагон замина бояд гузорад, чунки пешрафт ва таназзули таълим ба дараҷаи ҳавасмандии хонандагон, фаъолнокии онҳо дар раванди дарк намудани асосҳои илм мустақиман тааллуқ дорад. Вақте ки хонандагон ба таҳқиқи асосҳои илм шавқ зоҳир намоянд, дар рафти дарс онҳо фаъолона, бо талаботи беш нисбати хеш ва омӯзгор ҷавҳари маводи таълимиро дуруст дарс диҳад, пас фаъолияти маърифатҷӯии онҳо афзун мегардад [2-М].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олӣ ва касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» барои дар амал тадбиқ гардидани ҳуқуқҳои коститутсионӣ дар соҳаи маориф ва ба хусус, фароҳам овардани ҳуқуқи шаҳрвандон барои таҳсил замина гузошт.

Роҳу усулҳои ташаккули фаъолнокии маърифатӣ дар ҷавонони синфи 11 гуногунҷанба буда, онҳо ҳам дар раванди таълим ва ҳам дар ҷорӣ намудани унсурҳои эҷодкорӣ, дар раванди иштирок дар ҳаèти ҷамъиятии донишгоҳ, шаҳр, кишвар ташаккул меèбанд [4-М].

Бо истифода аз дастовардҳои ҷаҳонӣ дар соҳаи маориф намунаҳоро ҳамчун муҳаррики асосии пешрафт нусхабардорӣ кардан ғайриимкон аст. Ҷавонони босаводи муосир бояд дар рӯҳияи фарҳанги миллӣ, мероси маънавию ахлоқии он тарбия карда шаванд, ки ин зарурати аз нав дида баромадани сиèсати пештараро дар соҳаи маориф бо истинод ба сарчашмаҳои миллии он, омӯзиши вазъи воқеӣ месозад [4-М].

Таҳқиқ, баррасӣ ва натиҷагирии масъалаи мазкур дар заминаи омӯзиши адабиѐти муҳими илмӣ-назариявӣ ва ҷамъбасти таҷриба дар чанд соли охир моро ба хулосаи зерин овард:

1. Мушкилоти роҳҳои ташаккул додани фаъолнокии маърифатии фориғтаҳсилини мактабҳои мутавассита, на вобаста аз пажуҳиши зиѐди донишандони самти педагогика ва психология то ҳанӯз мураккаб боқӣ монда, шаклҳои нави корро дар ҷараѐни тарбия тақозо менамояд.

2. Беҳтар намудани сатҳи идроку шуури хонандагони мактаб барои дар руҳияи заҳматгирӣ ва муносибат ба эҷодкорӣ ба камол расидани онҳо мусоидат менамояд ва ҳис намудани натиҷаи фаъолияти тафаккур, дар як муддат, ба афзун гардидани фаъолнокии идроку тафаккур заминаи тоза эҷод менамояд.

3. Маълум сохтани сатҳи фаъолнокии хонандагон дар марҳилаи аввал сабаби асосии ҷараѐни инкишофи фаъолнокии маърифатии онҳо баъдан дар раванди таълим мегардад .

4. Дар рафти инкишофи фаъолнокии маърифатӣ яке аз омилҳои асосӣ фароҳам овардани шароити мусоиди психологию педагогӣ ва танзими тадбирҳои бедор намудани ҳисси хонандагон ба дониш мебошанд.

5. Муошират муайяни педагогӣ, ки заминаи ҳамкории зеҳнии муаллим ва хонандаро ба амал меорад, барои оромии руҳӣ ҳангоми дарс ва таъмини мақсадҳои фардии хонандагон дар ин бобат мусоидат менамояд. Дар ин самт омӯзгор бояд аз усулҳои таҳияшуда дар соҳаи педагогика ва психология истифода намояд.

6. Ҷараѐни таълим барои комил гардидани ду ҳадаф- фаъолияти маърифатӣ дар дарсҳои таълимӣ ва берун аз дарсҳо бояд нигаронида шавад, то ин ки ғанӣ гардидани фаъолнокӣ боз ҳам вусъат биѐбад. Чунин танзимѐбӣ бо назардошти хусусиятҳои ҳар ду шакл кори тарбиявиро талаб мекунад.

7. Яке аз ҳадафҳои асосӣ дар раванди дарс дар ташаккул додани фаъолнокии маърифатии хонанда аст, ки ҳам машғулиятҳои синфӣ, ҳам беруназсинфиро дуруст ба роҳ монад, то ин ки ба ҳамдигар таъсир расонида, ҳамчун маводи иловагӣ дониста шавад. Дар умум, ингуна раванди дарс машғулиятҳои воҳиди синфию беруназсинфиро талаб менамояд, ки тавъам заминаи ҳамдигар бошанд.

8. Дар раванди таълиму тарбия на танҳо тарбияи хонандагон, ба онҳо додани дониш, малака ва маҳоратҳои фаннӣ, ки ҳаҷми онҳо дар раванди таҳсил пайваста ва мунтазам меафзоянд, балки рушди шахсияти хатмкунандагон муҳим аст. Ташаккули фаъолнокии маърифатӣ ҳадафҳои худро дорад, ки асосан аз ташкил намудани роҳҳои мухталифи машғулиятҳои берун аз дарс аз фанҳои таълимӣ дар ҳудуди мактаб ва è шаҳр ба ҳисоб меравад.

9. Ташаккули ҳавасмандкунии таълимӣ аз ҷузъҳои ба ҳам алоқаманд иборат аст, ки он донишҳои дар ҷараѐни таълим омӯхтаи хатмкунандагонро дар заминаи

фаъолияти ҳамаҷониба ва таъсирпазирӣ аз муҳит дар бар мегиранд [2-М], [3-М], [4-М].

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот:

1. Матолиби диссертатсия дар оянда барои таҳқиқи васеи ҳолату вазъи мушкилоти проблемавии инкишофи фаъолнокии маърифатии хатмкунандагон дар раванди таълим кӯмак мерасонад.

2. Дар натиҷаи корҳои озмоишӣ фарзияи таҳқиқот санҷида шуда, дар кори омӯзгорони мактабҳои пойгоҳӣ тағйиротҳои ҷузъӣ ворид гашт ва усулу васоит ва шаклҳои мақбули кор дар инкишофи фаъолнокии маърифатии хатмкунандагон пешниҳод гардида, муқоисаи гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ натиҷагирӣ карда шуд.

3. Нуктаҳои назариявиеро, ки ҳангоми таҳқиқот ноил гардидем, барои муайян сохтани дараҷаи ташаккули фаъолнокиии маърифатии фориғтаҳсилин ва давраҳои нахустини шинохти онҳо ба ҳайси як узви иҷтимоъ кӯмак мерасонад.

4. Тавассути омӯзиши масъалаи мазкур маҷмуи мунтазами усулҳои методии қобили қабул мураттаб гардид.

5. Натиҷаи пажуҳиш барои омода намудани дастурҳои методӣ, монографияҳои соҳавӣ ва таълифи мақолаҳо маводи муҳим ба шумор меравад.

6. Масъалаҳои дар кори диссертатсионии мазкур ҳалгардида, дар оянда ба омӯзгорони мактабҳои миёна барои таълиму тарбия ва омода намудани насли наврас дар масоили ташаккулдиҳии фаъолнокии маърифатии онҳо дастури хубе хоҳад шуд.

ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

1. Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[1-М]. **Сагдиева Г. М.** Сущность процесса обучения и средства его активизации. Вестник Таджикского национального университета, серия педагогических наук. // Душанбе, Издательство Таджикского национального университета, 2016, №3/5(208). - С.246–248

[2-М]. **Сагдиева Г. М.** Дидактические условия активизации обучения учащихся. // Вестник Таджикского национального университета, серия педагогических наук. - Душанбе, Издательство Таджикского национального университета, 2016; №3/6 (211). - С. 318–320

[3-М]. **Сагдиева Г. М.** Активизация познавательной учебной деятельности учащихся в средних учебных заведениях. // Вестник Таджикского национального университета, серия педагогических наук. - Душанбе, Издательство Таджикского национального университета, 2017; №3/7, 1 часть. - С. 270–272

[4-М]. **Сагдиева Г. М.** Изучение познавательных запросов учащихся в школе. // Вестник педагогического университета, серия педагогики и методики

преподавания гуманитарных и естественных дисциплин. – Душанбе, Издательство Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни №3(3) 2020. - С. 93–96.

2. Маводи дар дигар нашрияҳои батабърасида:

[5-М] **Сагдиева Г. М.** Таълиму тарбия дар замони бостон. // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии таълимӣ – методӣ дар мавзуи «Ҳамроҳӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ» бахшида ба 30-солагии Истиқлолият ва 90-солагии Донишгоҳи давлатии аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, октябри соли 2021.

[6-М] Сагдиева Г. М. Асосҳои назариявии методологияи таълими фарҳангшиносӣ. Конференсияи байналмиллалии илмию амалӣ [Матн] / Г.М.Сагдиева // ―Афзалиятнокии ―Барномаи давлатии мақсадноки рушди илмҳои риѐзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2021-2025” дар ҳалли мушкилотҳои соҳаи кишоварзӣ ва маориф”. Нашриѐти Донишгоҳи давлатии аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. -Душанбе, 2025.- С. 338- 345.

[7-М] **Сагдиева Г. М.** Шароитҳои педагогӣ ва тадбирҳои муассири рушди фаъолнокии маърифатии хонандагон // Материалы VIII Международная конференция на тему «Инклюзивное образование: компетентностный подход в условиях многоязычия и поликультурности» // 28 октября 2024 г., город Душанбе, Республика Таджикистан, Академия образования Таджикистана. - Душанбе, Академия образования Таджикистана, 2024.

[8-М] **Сагдиева Г. М.** Усулҳои муассири омӯзиши мазмуни иттилоот ҳамчун омили асосии фаъолнокии маърифатии хонандагон // Сборник материалов Международной конференции на тему ―Вазифаҳои муассисаи таълимӣ оид ба дарѐфт ва рушди хонандагони болаѐқат аз фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқ” // 25 сентябри соли 2025, ш. Душанбе, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – С. 224-228.

ГОСУДАРСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ
«ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ ПЕДАГОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ИМЕНИ САДРИДДИНА АЙНИ»

На правах рукописи

УКД: 37 (575.3) (175.3)
ББК: 74 (2 тадж)
М- 17

МАЗАМИ ГУЛБАХОР МАЗАМ

ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ РАЗВИТИЯ ПОЗНАВАТЕЛЬНОЙ АКТИВНОСТИ УЧАЩИХСЯ ТРЕТЬЕЙ СТУПЕНИ ОБЩЕГО СРЕДНЕГО ОБРАЗОВАНИЯ

АВТОРЕФЕРАТ
диссертации на соискание ученой степени кандидата педагогических наук по специальности 5.3.1. Общая педагогика, история педагогики и образования

ДУШАНБЕ – 2026

Диссертация выполнена на кафедре общей педагогики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.

Научный руководитель: **Сайфуллоева Зарина Хайруллоевна** – доктор педагогических наук, профессор кафедры методики преподавания иностранных языков Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни

Официальные оппоненты: **Шарофзода Шавкат Ахмад** – доктор педагогических наук, профессор кафедры социальной и профессиональной педагогики Худжандского государственного университета имени академика Бободжона Гафурова

Шехов Акбар Махмадиевич – кандидат педагогических наук, заведующий кафедрой педагогики, психологии и иностранных языков Института последипломного образования работников здравоохранения Республики Таджикистан

Ведущая организация: **Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода**

Защита диссертации состоится «29» декабря 2026 года, в 13:00 часов в диссертационном совете 6D.KOA-152 при Академии образования Таджикистана (734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. А. Адхамова, 11/2; e-mail: bakhriddin.1973@mail.ru, тел.: 227-23-40; 904292266).

С диссертацией можно ознакомиться в научной библиотеке Академии образования Таджикистана и на сайте диссертационного совета https://shurodis-att.tj.

Автореферат разослан « » _____ 2026 года.

Учѐный секретарь
диссертационного совета,
кандидат педагогических наук **Б. Мухиддинзода**

ВВЕДЕНИЕ

Актуальность темы исследования. В современную эпоху экономическое развитие любого государства немыслимо без развития образования и науки. Современное общество нуждается в образованных людях, а уровень совершенствования мировоззрения и мышления граждан также обусловлен преподаванием современных наук. В таких условиях появляются новые пути исследования различных аспектов наук. В современную эпоху внимание к образованию и повышению уровня знаний подростков считается одной из важнейших целей Правительства Республики Таджикистан. Эти факторы создали новые вызовы в сфере образования, породив естественную и историческую необходимость в развитии или совершенствовании существующих моделей образования и воспитания.

В частности, в связи с изменением формы общества, глубокие изменения в направлении образования и воспитания, а также формирования личности оказали существенное влияние на образование, требуя действий в ответ на реалии нового исторического периода и в соответствии с требованиями экономического развития. Эти факторы создали новые задачи в сфере образования, породив естественную и историческую необходимость в разработке или совершенствовании существующих моделей образования и воспитания. В частности, в ходе изучения вопроса исследования по данной теме было выявлено, что у учащихся третьей ступени средних общеобразовательных учреждений часто наблюдается низкий уровень исследовательского интеллекта. Или же, в современную эпоху, не все молодые люди обладают способностью понимать и осмысливать проблему. Во многих случаях от ответственных лиц не требуется включать в преподавание темы, способствующие пониманию. Возможно, принимая во внимание этот фактор, исследователи подчеркивают недостаточную проработку дидактических аспектов большинства вопросов в этой области.

Поэтому значимость данной диссертации под названием «Педагогические условия развития познавательной активности учащихся третьей ступени общего среднего образования» заключается в исследовании некоторых особенностей проблем познавательной активности учащихся на уроке, и посредством исследования были предложены новые меры на основе изучения интеллектуальных различий нового поколения.

Изучение методов и подходов в школе показало, что: выявление результатов познавательной деятельности, исследование уровня знаний учащихся третьей ступени среднего общего образования, его рассмотрение и эффективность показателей, инновационные методы обучения, развитие познавательного интереса выпускников указывают на важность темы диссертационной работы.

Степень изученности темы исследования. Следует отметить, что современное образование все больше включает в себя светские черты. Хотя условия и аспекты современной дидактики как средства развития познавательной деятельности учащихся третьей степени среднего общего образования в средних общеобразовательных учреждениях республики не были изучены подробно, в

педагогикой науке имеются отдельные разработанные аспекты средств формирования познавательной деятельности учащихся.

Проблема формирования познавательной деятельности учащихся рассматривается в научных трудах известных современных педагогов Б. В. Беляева [1], В. В. Голубкова [3], В. П. Есипова [5], Н. И. Кудряшева [9], А. Г. Ковалева [8], Л. С. Якушиной [26] и в диссертации на соискание степени доктора педагогических наук, написанных Т. И. Шамовой [20] и др.

В своих исследованиях теории и практики образования в начальных классах таджикские ученые М. Лутфуллозода [11], Ф. Шарифзода [21], М. Шейхов [24] и другие исследовали некоторые аспекты этой темы, но на других уровнях среднего общего образования эта тема не осталось вне поля зрения ученых и педагогов Таджикистана. Современное образование отвечает за повышение уровня грамотности и укрепление принятия светского мышления среди учащихся, но иногда мы наблюдаем, что в средних общеобразовательных учреждениях (далее – СОУ) из-за отсутствия конкретной учебной программы учителя обсуждают эту тему на уроках по учебникам. Этот процесс не очень надежен. В то время, как понимание способностей ученика считается одной из важнейших обязанностей учителя, а создание творческой среды для учащихся также признается одной из главных задач учителей.

Другой исследователь, Шейхов М., в своей научной работе «Формирование познавательной деятельности учащихся XI-го класса в образовательном процессе», хотя и проводил исследования и эксперименты по этому вопросу, не предложил идей об условиях усиления активности учащихся. Несомненно, книги укрепляют отношения между учителем и учеником, но для оживления познавательной деятельности каждого ученика необходимо использовать практические дидактические методы и опыт.

Поэтому без развития и формирования активной познавательной деятельности создателей будущего общества реализация этого запроса и требования времени невозможна.

В то же время, всестороннее изучение предмета, многолетнее наблюдение за практическим применением основных положений предмета в школьной деятельности показали, что выпускники средних общеобразовательных учреждения получают полные знания практически по всем предметам. Устные выпускные экзамены свидетельствуют о том, что учащиеся рассказывают материалы учебников буквально, а иногда даже не понимая содержания основных их идей. Большинство из них не обладают способностью самостоятельно обсуждать и делать выводы, не могут выразить собственное мнение о сути предмета и его практическом применении. При чтении и проверке их сочинений вышеупомянутые моменты были четко и ясно доказаны. Поэтому возникла необходимость в использовании различных методов обучения. Метод сохранения учебных материалов как в социальных, так и в естественных науках способствует повышению познавательного уровня учащихся и рассматривается как пережиток прежней методики обучения.

Упомянутые выше исследователи, рассмотрев сущность темы развития познавательной деятельности в образовательном процессе, не применили еѐ

конкретно к деятельности учащихся средних общеобразовательных учреждений, особенно в условиях Республики Таджикистан.

Отсутствие специальных исследований по путям и средствам развития познавательной деятельности учащихся средних общеобразовательных учреждений и недостаточное внедрение данной темы в практику СОУ указывают на важность диссертационного исследования по «Педагогические условия развития познавательной активности учащихся третьей ступени общего среднего образования».

